**Стандартҳои байналмилалии мақомоти олии аудит (ИССАИ) аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии аудит (ИНТОСАИ) ба нашр расонида шудааст. Маълумоти иловагӣ дар сомонаи www.issai.org**

# ДАСТУРИ АМАЛӢ ОИД БА АУДИТИ МОЛИЯВӢ

## МАҚСАДҲОИ УМУМИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТ ТИБҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АУДИТ (Тарҷума)

Душанбе
2016

Дастури мазкур бо стандарти байналмилалии аудит (СБА) 200 «Мақсадҳои асосии аудитори мустақил ва гузаронидани аудит тибқи стандартҳои байналмилалии аудит» мутобиқат дошта, аз тарафи Кумита оид ба стандартҳои байналмилалии аудит ва кафолати саҳеҳии маълумот таҳия ва аз ҷониби Федератсияи байналмилалии муҳосибон ба нашр расонида шудааст.

Аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи умум аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шудааст.

# М У Н Д А Р И Ҷ А

## Дастури амалӣ ба СБА 200

Муқаррароти умумӣ ....................................................4

Муқаддима ба СБА 200 ...............................................4

Мазмуни дастури амалӣ ...............................................5

Қобили татбиқ будани СБА 200 зимни
аудити бахши давлатӣ ..................................................5

Дастури иловагӣ вобаста ба масъалаҳои
ба бахши давлатӣ алоқаманд .......................................6

Соҳаи татбиқи СБА ......................................................6

Аудити ҳисоботи молиявӣ ..........................................10

Мафҳумҳо....................................................................11

Талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ) вобаста ба аудити
ҳисоботи молиявӣ.......................................................12

Гузаронидани аудит тибқи СБА ...............................13

Далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ
ва хавфи аудит ............................................................14

# ДАСТУРИ АМАЛӢ БО СТАНДАРТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АУДИТ (СБА) 200[1]

# МАҚСАДИ УМУМИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТ ТИБҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АУДИТ

## Муқаррароти умумӣ

Дастури амалии мазкур нишондодҳои иловагиро вобаста ба СБА 200 «Мақсади умумии аудитори мустақил ва гузаронидани аудит тибқи стандартҳои байналмилалии аудит» муайян намуда, дар ҳамбастагӣ бо стандарти зикргардида татбиқ карда мешавад.

Татбиқи СБА 200 дар амалия аз 15 декабри соли 2009 оғоз гардида, аз лаҳзаи эътибор пайдо намудани он истифодаи нишондодҳои Дастури амалии мазкур низ ҷоиз мебошад.

## Муқаддимаи СБА

СБА 200 масъулияти умумии аудитори мустақилро зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ дар доираи талаботҳои стандарти зикршуда, аз қабили мақсади умумии аудитори мустақил, хусусият ва доираи фарогири аудит, ки ба аудитор имконияти ноил гардидан ба мақсадро медиҳад, муқаррар менамояд.

---

[1] Тамоми Дастурҳои амалӣ дар ҳамбастагӣ бо СБМОА/ИССАИ 1000 «Муқаддимаи умумӣ ба Дастур оид ба ҳисоботи молиявӣ» татбиқ карда мешавад

Тибқи стандарти мазкур таркиб, соҳаи татбиқ ва ваколати он муқаррар гардида, талаботҳои дахлдор вобаста ба масъулияти аудитори мустақил зимни гузаронидани ҳама гуна намуди аудит, ҳамчунин ҷиҳати таъмини мутобиқат доштани амалисозии он ба талаботҳои стандарти зикршуда муайян карда шудааст.

Дар минбаъда аудитори мустақил «аудитор» ном бурда мешавад.

## Мазмуни Дастури амалӣ

П1. Дастури амалӣ нишондодҳои иловагиро ба аудиторони бахши давлатӣ дар ҷанбаҳои зерин муайян менамояд:

(а) соҳаи татбиқи СБА;

(б) аудити ҳисоботи молиявӣ;

(в) мақсади умумии аудитор;

(г) мафҳумҳо;

(д) талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ)-и ба аудити ҳисоботи молиявӣ алоқаманд;

(е) гузаронидани аудит тибқи меъёрҳои СБА;

(ж) далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ ва хавфи аудит.

## Қобили татбиқ будани СБА дар аудити бахши давлатӣ

П2. Стандарти байналмилалии аудит 200 аз ҷониби аудиторони ташкилотҳои бахши давлатӣ зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ татбиқ шуда метавонад.

## Дастурҳои иловагӣ вобаста ба масъалаҳои ба бахши давлатӣ дахлдошта

П3. Стандарти мазкур дастури татбиқ ва дигар маводҳои тафсирдиҳанда вобаста ба ҷанбаҳои махсуси ба бахши давлатӣ алдоқамандро, ки дар параграфҳои 11 ва 57 Стандарти мазкур муқаррар гардидааст, дар бар гирифтааст.

## Соҳаи татбиқи СБА

П4. Стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) вобаста ба мазмун ва мавзӯи аудити ҳисоботи молиявӣ таҳия гардида, тибқи мазмуни стандартҳои ИНТОСАИ аудити ҳисоботи молиявӣ метавонад қисмати нисбатан васеи аудити мутобиқат (аудити молиявӣ) бошад.[1]

[1] СБА 200, параграфи А1: Ақидаи аудиторӣ дар самти дар доираи асосҳои истифодашавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва вобаста ба ҳама ҷанбаҳои дахлдор омода гардидани ҳисоботҳои молиявӣ изҳор гардида, чунин ақида барои ҳар як аудити ҳисоботи молиявӣ умумӣ мебошад. Яъне, ақидаи аудиторӣ ба қобилиятдории фаъолияти минбаъда, самаранокӣ ва натиҷанокии ба роҳ мондани фаъолияти ташкилот дахл намекунад, гарчанде вобаста ба самаранокии сохтори назорати дохилӣ ва ё мутобиқат доштани ҳисоботҳои алоҳидаи роҳбарияти ташкилот ва ҳисоботи молиявӣ баъзе аз қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ меъёрҳоро оиди пешниҳод гардидани ақидаи аудиторӣ дар ин самт муқаррар намудааст. Бо Стандарти мазкур вобаста ба масъалаи зикршуда талабот ва нишондодҳо муқаррар гардида, аудитор ӯҳдадор аст, ки ақидаи аудиториро дар ин мавзӯҳо пешниҳод намояд.

Тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи СБМОА 100 (параграфи 39) аудити мунтазами мутобиқат (аудити молиявӣ) баррасии масъалаҳо ва муайян намудани ҳолатҳои ҷойдоштаро дар ҷанбаҳои зерин фаро мегирад[1]:

(а) саҳеҳии ҳисоботдиҳии молиявии ташкилотҳо, санҷиш ва баҳогузории қайдҳои молиявӣ, изҳори ақида оид ба ҳисоботдиҳии молиявии ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда;

(б) исботи ҳисоботдиҳии молиявии соҳаи идоракунии давлатӣ (маъмурӣ) дар маҷмӯъ;

(в) аудити сохтори молиявӣ, аҳдҳо ва созишномаҳо (трансаксияҳо), аз ҷумла арзёбии риояи талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

(г) аудити системаи назорати дохилӣ ва хадамоти аудити дохилӣ;

(д) аудити дурустӣ ва салоҳиятнок қабул гардидани қарорҳо аз ҷониби ташкилотҳои мавриди аудит қарор гирифта;

(е) ба даст овардани дигар маълумотҳо вобаста масъалаҳои ба миён меомадагӣ ва ба мавзӯи аудит таалуқ дошта, ки мақоми олии аудит баррасии онро зарур мешуморад.

П5. Истилоҳотҳои «аудити мунтазамӣ (мутобиқат)» ва «аудити молиявӣ» дар аксарияти ҳолатҳо якдигарро иваз намуда, ин намуд ва баъзе аз дигар намудҳои аудит ва ё тамоми аудитҳои дар параграфи 4 (бандҳои (а) то (е)) зикргардида вобаста аз ваколати

---

[1] СБМОА (ИССАИ) 100, «Стандартҳои аудити ИНТОСАИ – принсипҳои асосӣ».

мақоми олии аудит аз аудити ҳисоботи молиявӣ таркиб ёфтаанд.

Нишондодҳои амалӣ ба Дастурамал оид ба аудити молиявии ИНТОСАИ (СБМОА 1000-2999) дастури иловагиро барои татбиқи Стандарти мазкур дар рафти гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби аудиторони бахши давлатӣ таъмин менамояд.

Ҳамчунин, дар рафти дар доираи васеъ гузаронидани «аудити мунтазамӣ (мутобиқат)» ва ё «аудити молиявӣ», дастурҳои нисбатан васеъро аз сохторҳои СБМОА, аз қабили «Дастур оид ба аудити мутобиқати ИНТОСАИ» дастрас намудан мумкин аст (СБМОА/ИССАИ СБА 4000ва СБА 4200). [1-2]

П6. Аудити мунтазамӣ (ҳисоботи молиявӣ) дар муҳитҳои гуногун татбиқ гардида, дар муҳити ҳисоботи молиявӣ, ки ба таҷрибаи эътирофгардидаи байналмилалӣ мутобиқ аст, татбиқ намудани сохторҳои СБМОА/ИССАИ 1000-2999 аз ҷониби аудиторони бахши давлатӣ барои таъмин намудани сохтори иловагӣ ҷиҳати мутобиқ намудани муҳити аудит ба таҷрибаи эътирофгардидаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

П7. Дар бахши давлатӣ ишора ба стандартҳои дахлдори аудит вобаста аз стандартҳои татбиқшаванда бо усулҳои зерин оварда мешавад:

(а) мутобиқ ба СБА, ки он маънои пурра риоя гардидани тамоми СБА-и дахлдор ва нишондодҳои ило-

---

[1] МСВОА / ИССАИ 4000 «Мундариҷаи умумии Дастур оид ба аудити мутобиқат»

[2] МСВОА / ИССАИ 4200 «Дастур оид ба аудити мутобиқат, ки ба аудити молиявӣ алоқаманд аст»

вагии бо Дастурҳои амалии СБА ИНТОСАИ муқарраргардидаро ифода менамояд;

(б) мутобиқ ба принсипҳои бунёдии аудит, ки қисми Дастурамал оид ба аудити молиявии ИНТОСАИ ба ҳисоб меравад (СБИОА/ИССАИ 1000-2999);

(в) мутобиқ ба стандартҳои миллӣ ва дигар стандартҳои дахлдори аудит.

П8. Вобаста ба мавзӯи бахши давлатӣ дар Дастурҳои амалӣ истилоҳи «аудиторони бахши давлатӣ» ба маънои аудитор, ки дар СБА истифода мешавад, ифода меёбад.

П9. Баъзе аз Станадартҳои байналмилалии аудит ҷанбаҳоеро дар бар гирифтаанд, ки барои амалигардонии аудити ташкилотҳои хурд махсус ба ҳисоб рафта, ҳангоми амалигардонии аудити ташкилотҳои бахши давлатӣ ва дигар ташкилотҳои дорои шумораи ками кормандон ва ё буҷети нисбатан кам одатан ҷанбаҳои зикргардида татбиқ карда намешаванд. Яъне, чунин ҷанбаҳо дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дар ҳолатҳои мавҷуд будани аҳду созишномаҳои (трансаксияҳо) мураккаб, аз қабили интиқоли маблағ (трансфертҳо) аз дигар давлатҳо, зарурати риоя намудани қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳои аз ҷониби ҳокимияти иҷроия муқаррааргардида ва зарурати ҳисоботдиҳии истифодаи маблағҳои андозсупорандагон татбиқ гардида, ҷой доштани чунин ҷанбаҳо аз ҷониби аудитор муайян карда мешавад.

Дастурҳои амалӣ вобаста ба зарурати мавриди аудит қарор додани ташкилотҳои хурди бахши давлатӣ метавонад дигар нишондодҳои иловагиро муқаррар созад.

## Аудити ҳисоботи молиявӣ

П10. Бо дарназардошти нишондодҳои бо параграфи 6 СБА муқарраршуда, аудиторони бахши давлатӣ зимни амалигардонии аудит татбиқи нишондодҳои минбаъдаи бо Дастури амалӣ ба СБА 320 ифода ёфтаро баррасӣ менамоянд.[1]

П11. Бо параграфи А7 СБА асосҳои пешниҳодҳои саҳеҳро баррасӣ намуда, Стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ (СББМБД), ки аз тарафи Кумитаи стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ нашр гардидааст, намунаи барои бахши давлатӣ таҳиягардидаи асосҳои ба даст овардани пешниҳодҳои саҳеҳ шуда метавонад.

П12. Тибқи нишондодҳои дар параграфи 8 СБА дарҷгардида, намунаи ҳисобҳои молиявӣ ва мазмуни маҷмӯи пурраи ҳисоботи молиявӣ муқаррар карда шуда, маҷмӯи мазкур дар бахши давлатӣ аз рӯи усули ба ҳисоб гирифтани ҳисоботи муҳосибӣ омода карда шуда, чунин нишондиҳандаҳоро бояд дар бар гирад:

– ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ;

– ҳисобот оид ба ҳолати иҷрои супоришҳои молиявӣ;

– ҳисобот оиди тағйир ёфтани сармоя (капитал);

– ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ;

– маълумоти муқоисавии буҷет ва ҳаҷми аслии он, ки ба сифати ҳисоботи алоҳида, иловагӣ ва ё дар шакли муқоисавӣ пешниҳод карда шудааст;

---

[1] МСА / ИСА 320 «Ҳолатҳои муҳим зимни банақшагирӣ ва амалигардонии аудит».

– мактуби тавзеҳотӣ, ки маълумотҳои ҷамъбастиро вобаста ба ҷиҳатҳои муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар маълумотҳои эзоҳдиҳанда дар бар мегирад.

П13. Дар баъзе ҳолатҳо маҷмӯи пурраи ҳисоботи молиявӣ дар худ дигар ҳисоботҳо, аз қабили ҳисобот дар бораи рафти иҷрои фаъолият ва дар бораи маблағҳои ҷудогардидаро метавонад дар бар гирад.

П14. Бо дарназардошти нишондодҳои дар параграфи А10 Стандарт дарҷгардида, аудиторони бахши давлатӣ татбиқи нишондодҳои минбаъдаи бо Дастури амалии СБА 210 ва СБА 580 муқаррааргардидаро баррасӣ менамоянд.[1-2]

П15. Даст кашидан аз гузаронидани аудит, ки бо параграфҳои 12 ва 24 СБА муқаррар карда шудааст, одатан аз тарафи аудитори бахши давлатӣ имкон надошта, ҳангоми ба миён омадани чунин ҳолатҳо (қатъ намудани гузаронидани аудит) уҳдадоранд маълумотҳои дақиқ ва муфассалро вобаста ба он, аз ҷумла ба мақомоти қонунгузор, пешниҳод намоянд.

## Мафҳумҳо

П16. Бо дарназардошти нишондодҳои дар параграфи 13 Стандарт овардашуда, аудитори бахши давлатӣ ҳолатҳои зеринро ба инобат мегирад:

---

[1] СБА/ИСА 210 «Мувофиқагардонии шартҳои созишномаи аудиторӣ».

[2] СБА/ИСА 580 «Мактуб – пешниҳодот».

(а) ба монанди бахши хусусӣ асосҳои татбиқшавандаи ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ пешниҳоди саҳеҳ ва ё мутобиқат доштани ҳисоботҳои молиявӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда метавонад;

(б) истилоҳотҳои аудитор – «шарики созишнома» ва «ширкат».

Истилоҳоти «шарики созишнома» метавонад ба маънои Аудитори генералӣ, ки вобаста ба аудити бахши давлатӣ дорои ваколатҳои муайян мебошад ва ё ба маънои дигар шахси касбии аз номи ӯ ваколатдор ва ё таъингардида истифода бурда мешавад.

Дар зери мафҳуми истилоҳи «ширкат» одатан мақоми олии аудит ва ё сохторҳои он дар минтақа ва маҳалҳо фаҳмида мешавад.

## Талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ) вобаста ба амалӣ гардонидани аудити ҳисоботи молиявӣ

П17. Кодекси одоби ИНТОСАИ мутобиқи муқарраротӣ параграфи 14 СБА санади бомаврид ва қобили татбиқ мебошад.[1]

П18. Нишондоди дар параграфи 15 Стандарт дарҷгардида талаботи аз ҷониби аудиторон зимни банақшагирӣ ва амалигардонии аудит риоя гардидани принсипи касбии шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм)-ро муқаррар намуда, тибқи он ҷой доштани шароитҳо, ки боиси бо таҳрифгариҳои ҷиддӣ омода гардидани ҳисоботи молиявӣ гардидааст, бояд эътироф карда шавад. Принсипҳои бунёдии ИНТОСАИ-

[1] МСВОА/ИССАИ 30 «Кодекси одоби ИНТОСАИ».

ИССАИ 200[1] ғояи дахлдори дақиқро дар ин ҳолат баррасӣ намудааст: «… Аудиторон ҳама вақт бояд ба ҷой доштани ҳолатҳои муайян, аз қабили дар сатҳи паст ба роҳ монда шудани назорат, мавҷуд будани камбудиҳо дар пешбурди қайдҳои муҳосибӣ ва дигар камбудиҳои барои аҳду созишномаҳо (трансаксияҳо) ва ё натиҷаҳо ғайримуқаррарӣ, ки ба мавҷуд будани кирдорҳои сохтакорӣ, хароҷот, азонихудкунӣ ва амалиётҳои ғайриқонунӣ, бевиҷдонӣ ва ғ. далолат менамояд, омода бошад».

Ғояи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) ба баланд ва васеъ гардонидани ғояи дақиқкорӣ мусоидат намуда, барои банақшагирӣ ва амалигардонии аудит муҳим ба ҳисоб меравад.

## Гузаронидани аудит тибқи меъёрҳои СБА

П19. Бо назардоши қобили қабул будани нишондодҳои дар параграфҳои 18-20 Стандарт муқарраршуда барои амалӣ намудани аудит, аудиторони бахши давлатӣ ба инобат мегиранд, ки зимни татбиқи СБМОА/ИССАИ ҳангоми гузаронидани аудити мунтазамӣ (аудити молиявӣ) дар бахши давлатӣ, Стандарт ва Дастурҳои амалӣ дар маҷмӯъ ба аудиторони бахши давлатӣ дастурҳоро ташаккул медиҳанд.

Дар сурати тибқи СБА амалӣ намудани аудит дар ҳисоботи аудиторӣ ифода ёфтани ҳолати мазкур, аудиторони бахши давлатӣ барои риояи талаботҳои тамоми СБА уҳдадор мебошанд.

[1] МСВОА/ИССАИ 200 «Стандартҳои аудити ИНТОСАИ – Стандартҳои умумӣ (параграфи 2)».

## Далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ ва хавфи аудиторӣ

П20. Ҳангоми баррасии сарчашмаи маълумотҳо, ки дар параграфи А28 Стандарт қайд гардидааст, аудиторони бахши давлатӣ метавонанд имконияти истифодаи маълумотҳои дар рафти аудитҳои қаблӣ ба даст омадаи дахлдорро, ки ба ташкилот муносибат дорад, баррасӣ намуда, истифодаи он танҳо дар сурати бомаврид ва боэътимод будани ин маълумотҳо имконият дорад.

## СТАНДАРТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АУДИТ 200

# МАҚСАДҲОИ УМУМИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТ ТИБҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АУДИТ

(аз 15 декабри соли 2009 мавриди амал қарор гирифтааст)

## М У Н Д А Р И Ҷ А


**Сарсухан**

Миқёси СБА ........................................................... 17
Аудити ҳисоботи молиявӣ........................................ 18
Санаи мавриди амал қарор додан ............................ 21
Мақсадҳои умумии аудитор..................................... 22
Мафҳумҳо .............................................................. 22

**Талаботҳо**

Талаботи ахлоқӣ (этикӣ)-и ба аудити
ҳисоботи молиявӣ алоқаманд.................................... 29
Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм)............................ 29
Мулоҳизаронии касбӣ.............................................. 29
Далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ
ва хавфи аудиторӣ.................................................... 29
Гузаронидани аудит тибқи СБА ................................ 30

**Дастур оид ба татбиқ ва маводҳои тафсирдиҳанда**

Аудити ҳисоботи молиявӣ........................................ 33
Талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ)-и ба аудити
ҳисоботи молиявӣ алоқаманд .................................. 40
Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) .......................... 42
Мулоҳизаронии касбӣ .............................................. 44
Далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ
ва хавфи аудиторӣ.................................................... 46
Гузаронидани аудит тибқи СБА ............................... 58

# САРСУХАН

## Миқёси СБА

1. Стандарти байналмилалии аудит (СБА) уҳдадориҳои умумии аудитори мустақилро зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ дар доираи талаботҳои он, аз қабили мақсади умумии аудитори мустақил, хусусият ва миқёси аудит, ки ба аудитори мустақил имконияти расидан ба мақсадҳои муайянро фароҳам меорад, муқаррар менамояд.

Инчунин, Стандарт миқёс, ваколат ва сохтори СБА-ро ифода намуда, талаботҳои дахлдорро вобаста ба уҳдадориҳои умумии аудитори мустақил нисбат ба ҳама гуна намуди аудит татбиқшаванда, аз ҷумла уҳдадорӣ вобаста ба дастрасӣ аз СБА муқаррар менамояд.

Дар матнҳои минбаъда ба ҷои ибораи «аудитори мустақил» ибораи «аудитор» истифода шуда, мазмуни якхеларо ифода менамоянд.

2. СБА вобаста ба мазмуни аудити ҳисоботи молиявӣ таҳия гардида, онҳо бояд барои татбиқ дар шароити ҷойдошта ва аудити дигар маълумотҳои молиявии таърихӣ мутобиқат дошта бошад.

Уҳдадориҳои бо СБА муқарраргардидаи аудитор аз уҳдадориҳои бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраргардидаи ӯ фарқ дошта, дар баробари татбиқи меъёрҳои СБА дар ҳолатҳои зарурӣ, риояи меъёрҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар уҳдадориҳои вазифавӣ аз ҷониби ӯ бояд таъмин карда шавад.

## Аудити ҳисоботи молиявӣ

3. Мақсади аудит аз баланд бардоштани дараҷаи боварии истифодабарандагон ба ҳисоботҳои молиявӣ иборат буда, расидан ба ин мақсад бо роҳи изҳори ақидаи аудитор вобаста ба мутобиқат доштани ҳисоботҳои молиявии омодагардида дар тамоми ҷанбаҳо ба асосҳои татбиқшавандаи пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявӣ, амалӣ карда мешавад.

Дар дигар ҳолатҳо бо аксарияти асосҳои таъиноти умумӣ нисбати ба таври саҳеҳ пешниҳод гардидани ҳисоботи молиявӣ дар ҳама ҷанбаҳо ва ё ҳамчун ҳисоботи молиявии саҳеҳ ба назар расидани он ақида изҳор карда мешавад.

Маҳз амалӣ намудани аудит дар доираи меъёрҳои Стандартҳо ва дигар талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ) ба аудитор имкон медиҳад, ки вобаста ба эътимоднокии ҳисоботҳои молиявии омода ва пешниҳодгардида, ақидаи касбии худро иброз намояд (ниг. ба параграфи 1).

4. Ҳисоботи молиявии мавриди аудит қарор гирифта ҳисоботи молиявии субъект ба шумор рафта, он аз ҷониби роҳбарияти он ва таҳти назорати шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дар доираи меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омода ва тасдиқ карда мешавад.

Тибқи талаботҳои СБА роҳбарият ва дигар шахсони масъули омодагардонии ҳисоботҳои молиявӣ танҳо шахсоне ҳисоб шуда метавонанд, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иҷрои чунин вазифаҳо ба ваколати онҳо дохил шуда, вобаста ба ин ҳолат уҳдадорӣ ва масъулият доштани худро эътироф ва дарк намоянд, зеро ин ҳо-

лат барои амалӣ намудани аудит асосҳои бунёдӣ ба ҳисоб мераванд. Дар баробари ин, вобаста ба мавзӯи мазкур талаботҳои СБА нисбат ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бартарӣ надоранд.

Аудит дар доираи талаботҳои СБА дар асоси маълумотҳои аввалияи ҷамъ оварда шуда амалӣ гардида, роҳбарият ва шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ уҳдадоранд, ки дар тамоми раванди аудит тибқи уҳдадориҳои мансабии худ амал намуда, дар гузаронидани он мусоидат намоянд (ниг. ба параграфи A2-A11).

5. Риояи талаботҳои СБА ҳамчун асосҳои ба миён омадани ақидаи аудиторӣ, ба аудитор имконият медиҳад, ки вобаста ба эътимоднокии ҳисоботҳои молиявӣ, ҷой надоштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд ва дигар иштибоҳҳо дар ҳисоботҳои пешниҳодшуда боварии қатъӣ пайдо намояд.

Боварии қатъӣ дараҷаи болоии ифодаи боварӣ ба ҳисоб рафта, дар сурати ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ, аудитор боварии қатъӣ пайдо менамояд, ки хавфи аудиторӣ дар самти бо таҳрифгариҳои ҷиддӣ омода гардидани ҳисоботҳои молиявӣ то зинаи поёнӣ кам карда шудааст.

Дар баробари ин, ба даст овардани боварии қатъӣ бинобар мавҷудияти маҳдудиятҳои ҷудоинопазири аудит дараҷаи охирин ва мутлақи боварӣ ба ҳисоб намеравад. Чунки, қисми зиёди далелҳои аудитории ба даст оварда шуда, ки дар асоси он ақида ва хулосаи аудиторӣ баён мегардад, ҳамчун далели тасдиқи ақидаи муайян ба ҳисоб рафта, на дар ҳама вақт барои додани хулосаи дахлдори аудиторӣ асос шуда метавонанд (ниг. ба параграфи A28-A52).

6. Дар давраи банақшагирӣ ва дар рафти амалӣ гардонидани аудит, инчунин арзёбии таъсири таҳрифгариҳои айниятшуда ба рафти аудит ва ё таҳрифгариҳои бартараф нашуда ба ҳисоботи молиявӣ, вобаста ба хусусияти ҷиддӣ доштани ин ҳолатҳо нуқтаи назари аудитор баён карда мешавад.[1]

Таҳрифгариҳо ва дигар камбудиҳо дар ҳисоботҳои молиявӣ дар ҳамон вақт ҷиддӣ ба ҳисоб мераванд, ки агар ба қарорҳои молиявию иқтисодии дар асоси ҳисоботҳои молиявӣ қабулгардидаи истифодабарандагон таъсир расонида бошанд.

Нуқтаи назар вобаста ба таъсир ва ҷиддӣ будани таҳрифгариҳо аз ҷониби аудитор дар доираи ҳолатҳои ҷойдошта ва дар асоси дарки талаботи истифодабарандагони ҳисоботҳои молиявӣ ба маълумотҳои молиявӣ, инчунин ҳаҷм ва хусусияти ин таҳрифгариҳо ва ё дар маҷмӯъ баён гардида, ақидаи аудитор вобаста ба ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ ташаккул меёбад.

СБА 320 «Ҳолатҳои муҳими банақшагирӣ ва гузаронидани аудит» ва СБА 450 «Арзёбии таҳрифкориҳои дар рафти аудит ошкоршуда».

7. СБА мақсад, талабот, тартиби татбиқ ва маводҳои тафсириро дар бар гирифта, мавриди истифода қарор додани он ба аудитор имконияти ба даст овардани боварии қатъӣ ва мулоҳизаронии касбиро

---

[1] ниг. ба СБА 260 «Мубодилаи ахборот бо шахсони дорои ваколати роҳбарӣ» ва СБА 240 «Ӯҳдадории аудитор дар сурати ошкор намудани кирдорҳои қаллобӣ ҳангоми гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ».

муҳайё намуда, дар баробари он дар рафти банақшагирӣ ва амалӣ намудани аудит бо риояи принсипи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) амалҳои зеринро ба иҷро расонад:

– дар асоси омӯзиши муҳити субъект ва системаи назорати дохилии он хавфи таҳрифгариҳои ҷиддиро, ки дар натиҷаи амалҳои сохтакорӣ ва ё роҳ додан ба дигар хатогиҳо ба миён омадааст, айният (идентификатсия) ва арзёбӣ намояд;

– бо роҳи таҳия ва андешидани чораҳои ҷавобии дахлдор нисбати хавфҳои арзёбӣ гардида, далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиториро ба даст орад;

– дар асоси далелҳои аудитории ба дастомада, ақидаи худро нисбати ҳисоботи молиявӣ баён намояд.

8. Шакли ақидаи баён намудаи аудитор аз асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, меъёрҳои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад (ниг. ба параграфи А12-А13).

9. Тибқи талаботи СБА, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мумкин аст, ки ба зиммаи аудитор иҷрои дигар уҳдадориҳо, аз қабили хабардор намудан ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ба истифодабарандагон, ба роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ ва тарафи сеюм вобаста ба масъалаҳои дар рафти аудит ошкоргардида вогузор карда шавад.[1]

## Санаи мавриди амал қарор додан

10. СБА вобаста ба аудити ҳисоботи молиявӣ аз санаи 15 декабри соли 2009 мавриди амал қарор дода мешавад.

**Мақсадҳои умумии аудитор**

11. Аудитор ҳангоми гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ дорои мақсадҳои зерин мебошад:

(а) ба даст овардани боварии қатъӣ оиди ҷой надоштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ ва дигар хатогиҳо алоқаманд дар ҳисоботҳои молиявӣ, ки дар натиҷа аудитор имконияти баён намудани ақидаро ҷиҳати асоснокии омода гардидани ҳисоботҳои молиявӣ дар ҳама ҷанбаҳо ва тибқи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ пайдо менамояд;

(б) дар асоси маълумотҳои ба даст оварда ва тибқи талаботҳои СБА вобаста ба ҳисоботҳои молиявӣ пешниҳод намудани ҳисобот ва ё хулоса.

12. Тибқи талаботҳои дар СБА муқаррааргардида, дар сурати ба даст наомадани боварии қатъӣ ва кофӣ набудани шарҳҳои дар ҳисоботи аудиторӣ овардашуда барои пешниҳоди ахборот ба истифодабарандагони ҳисоботҳои молиявӣ, аудитор уҳдадор аст, ки аз изҳори ақида худдорӣ намояд ва ё ба истеъфо равад, агар чунин тадбирҳо бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардида бошад.[1]

**Мафҳумҳо**

13. Мафҳумҳои дар Стандарти байналмилалии аудит истифодашаванда дорои мазмунҳои зерин мебошанд:

---

[1] дар СБА танҳо мафҳуми «даст кашидан аз иҷрои Созишнома» истифода шудааст.

(а) **асосҳои татбиқшаванда барои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ** – асосҳои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии бо меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршуда, ки аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ бо дарназардошти хусусияти фаъолият ва мақсадҳои мавҷуда зимни таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ ба роҳбарӣ гирифта мешавад;

Истилоҳи «асосҳои пешниҳоди саҳеҳ» маънои талаботи зерини асосҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявиро ифода менамояд:

(i)ба таври возеҳ эътироф ва ё дар назар дошта мешавад, ки ҷиҳати таъмини саҳеҳии пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, аз роҳбарияти субъект дар баробари маълумотҳои бо асосҳо муқарраршуда, кушодан ва пешниҳоди маълумотҳои иловагӣ талаб карда мешавад;

(ii) аз ҷониби роҳбарияти объекти санҷишӣ бо мақсади таъмини саҳеҳии пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ аз риоя ва татбиқи асосҳо худдорӣ намуданро танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ дар шакли ошкоро эътироф менамояд.

Истилоҳи «асосҳои мутобиқат» барои ишораи асосҳое ифода карда шудааст, ки асосҳои татбиқшаванда барои пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ муқаррар намуда, истифодаи муқаррароти зербандҳои (i) ва (ii) дар ин маврид истисно карда шудааст.

(б) **далелҳои аудиторӣ** – маълумотҳое, ки аз ҷониби аудитор барои ташаккул ёфтани хулоса ҷамъ ва истифода карда шуда, нишондиҳандаҳои муҳосибии дар ҳисоботҳои молиявӣ дарҷёфтаро дар бар гирифта, бояд дорои хусусиятҳои зерин бошанд:

(i) **кофӣ будани далелҳои аудиторӣ** – андоза ва ҳадди зарурии далелҳои аудиторӣ, ки ин нишондиҳанда аз арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ ва сифати далелҳои ҷамовардашуда вобастагӣ дорад;

(ii) **хусусиятҳои эътимоднокии далелҳои аудиторӣ** – арзёбии сифати делелҳои аудиторӣ, яъне қобили қабул ва боварибахш будани онҳо барои ташаккул ёфтани ақида ва хулосаи аудиторӣ;

(в) **хавфи аудиторӣ** – ҳолати бо таҳрифгариҳои ҷиддӣ омода гардидани ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷа аз ҷониби аудитор ақидаи аудитории номуносиб баён гардида, он бевосита аз хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ ва хавфи ошкор накардани онҳо вобастагӣ дорад;

(г) **аудитор** – истилоҳи аудитор нисбати шахс ва ё шахсоне, ки аз ҷониби онҳо аудит амалӣ карда мешавад, истифода гардида, дар сурати амалӣ гардидани уҳдадориҳои аудит аз ҷониби ширкати аудиторӣ, шарикони лоиҳа ва ё аъзоёни гурӯҳи шарикони лоиҳа, истилоҳи аудитор истифода нашуда, «ширкат» ва ё «шарикони лоиҳа» ном бурда мешаванд;

(д) **хавфи ошкор накардан –** чорабиниҳои аз ҷониби аудитор гузаронидашуда, ки бо мақсади то дараҷаи ниҳоӣ кам намудани хавф амалӣ карда мешавад, имконияти ошкор намудани таҳрифгариҳои ҷиддӣ ва ё дигар таҳрифгариҳоро дар маҷмӯъ ба ӯ намедиҳад;

(е) **ҳисоботи молиявӣ** – тасаввуроти таркибии маълумоти молиявии таърихӣ, шарҳи маълумотҳо оид ба захираҳои иқтисодӣ, уҳдадориҳои субъект барои давраи муайян, тағйиротҳои ба амал омада дар давраи муайян тибқи асосҳои пешниҳоди ҳисоботи

молиявӣ ба ҳисоб рафта, шарҳи маълумотҳо муқарраროти асосӣ вобаста ба сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар маълумотҳои эзоҳиро дар бар мегирад. Истилоҳи «ҳисоботи молиявӣ» тибқи асосҳои татбиқшавандаи ҳисоботи молиявӣ одатан маҷмӯи пурраи ҳисоботҳои молиявиро ифода намуда, дар як вақт истифодаи истилоҳи мазкур нисбати ҳисоботи молиявии алоҳида низ мумкин аст.

(ж) **маълумоти молиявии таърихӣ** – маълумоти хусусияти молиявии ба ин ё он субъект муносибатдошта, ки аз системаи баҳисобгирии муҳосибии ҳамин субъект оиди амалҳои иқтисодии дар гузашта, ё ин ки шароитҳои иқтисодии дар ин ё он давра таркибёфта ба вуқӯъ пайваста аст;

(з) **Роҳбарияти субект** – шахс ва ё шахсоне, ки ба идоракунии фаъолияти субъект масъул мебошанд. Дар баъзе субъектҳо ва мувофиқи баъзе меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳайати роҳбарикунандаи он тамоми шахсон ва ё қисме аз онҳо, ки дорои ваколатҳои роҳбарӣ мебошанд, ба мисли аъзоёни иҷроияи роҳбарият ва ё соҳибмулк-роҳбар дохил мешаванд;

(и) **Таҳрифгарӣ** – ихтилофҳои ҷойдошта байни ҳаҷм, гурӯҳҳои таснифотӣ, моддаҳои хароҷотӣ ва дигар маълумотҳои ҳисоботи молиявӣ, ки бо талаботҳои асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ муайян карда шудааст. Инчунин, таҳрифгариҳо метавонад дар натиҷаи кирдорҳои сохтакорӣ ва ё роҳ додан ба хатогиҳо зимни пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ ба вуқӯъ ояд.

Дар ҳолати аз ҷониби аудитор баён гардидани ақида ва ё пайдо намудани нуқтаи назар ҷиҳати дар сатҳи саҳеҳ ва дақиқ омода гардидани ҳисоботи мо-

лиявӣ дар тамоми ҷанбаҳо, ҳолатҳои ислоҳи ҳаҷми маблағҳо, гурӯҳҳои таснифотӣ, моддаҳои хароҷотӣ ва дигар маълумотҳо, ки ба саҳеҳӣ ва дақиқии ҳисоботи молиявӣ таъсири манфӣ мерасонад, ҳамчун таҳрифгарӣ эътироф карда мешавад.

(к) **талаботи аввалини ба масъулияти роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ алоқаманд** – пешниҳоди талаботи мазкур зимни амалӣ намудани аудит ифодагари аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дарк ва эътироф гардидани масъулияти муайян буда, ин ҳолат барои дар доираи талаботҳои СБА амалӣ намудани аудит замина муҳайё сохта, шахсони зикргардида барои амалҳои зерин масъул мебошанд:

(i) барои омода намудани ҳисоботҳои молиявӣ тибқи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла барои саҳеҳии ҳисоботҳо;

(ii) барои воситаҳои назорати дохилӣ, ки аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ҳамчун чораҳои зарурӣ барои омода намудани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ ва дигар хатогиҳо алоқаманд, муқаррар карда шудааст;

(iii) барои мусоидати аудитор дар самтҳои зерин:

а. иҷозати дастрасӣ ба тамоми маълумотҳо, аз қабили қайдҳо, ҳуҷҷатҳо ва дигар нишондодҳо, ки барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ аҳамияти муҳим доранд;

б. пешниҳоди маълумотҳои иловагӣ аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ, ки бо мақсади амалӣ намудани аудит аз ҷониби аудитор талаб карда мешавад;

в. дастрасии бемаҳдуд ба шахсон дар доираи субъект, ки бо ақидаи аудитор ҷиҳати ҷамъ овардани далелҳои аудиторӣ заруранд.

Тибқи асосҳои пешниҳод гардидани ҳисоботҳои саҳеҳ, нишондодҳои дар банди (i) омада метавонад дар таҳрири дигар – «барои омода ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии саҳеҳ тибқи асосҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» ва ё «барои омода намудани ҳисоботи молиявӣ, ки тибқи он вобаста ба ҳисоботи молиявӣ нуқтаи назар пайдо карда мешавад» ифода карда шавад.

Инчунин, мафҳуми «талаботи аввалини ба масъулияти роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ алоқаманд, ки ҷиҳати иҷрои он аудит гузаронида мешавад» истифодаи мафҳуми «талаботи аввалин» низ мумкин аст;

(л) **мулоҳизаронии касбӣ** – дар доираи мазмуни стандартҳои аудит, баҳисобгирии муҳосибӣ ва рафторҳои ахлоқӣ (этикӣ) ҳангоми қабули қарор вобаста ба ҳолатҳои дар амал ҷойдошта татбиқ намудани дониш ва таҷриба;

(м) **шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) –** мавқеъ аз нуқтаи назари нобоварӣ, ки ба дарки имконияти ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ ва дигар хатогиҳо алоқаманд ва аз нуқтаи назари танқидӣ арзёбӣ намудани далелҳо равона карда шудааст;

(н) **боварии қатъӣ** – дар доираи аудити ҳисоботи молиявӣ боварии дараҷаи баланд буда, вале боварии дараҷаи мутлақ шуда наметавонад;

(о) **хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ** – хавфи то оғози аудит ба ҳисоботҳои молиявӣ ворид намудани

таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки он аз ду қисмати зерин иборат мебошад:

(i) хавфи ҷудоинопазир – ба таҳрифгариҳои ҷиддӣ дучор гардидани қарорҳои қабулгардида вобаста ба дараҷаи амалиётҳо, бақияи ҳисобҳо, ки дар алоҳидагӣ ва ё дар маҷмӯъ бо дигар таҳрифгариҳо то баррасии он аз тарафи воситаҳои назоратӣ муҳим ба шумор мераванд;

(ii) хавфи системаи назоратӣ – хавфи ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддӣ ҳангоми қабули қарорҳо вобаста ба дараҷаи амалиётҳо, бақияи ҳисоб ва дигар амалҳо, ки дар алоҳидагӣ ва ё дар маҷмӯъ бо дигар таҳрифгариҳо муҳим ба шумор рафта, сари вақт аз ҷониби системаи назорати дохилӣ ошкор ва бартараф карда намешавад;

(п) **шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ** – шахс, шахсон ва ташкилот (мисол, ташкилот, ки вазифаи роҳбарии ба боварӣ асосёфтаро иҷро менамояд), ки барои назорати самтҳои стратегӣ ва уҳдадориҳои объекти санҷишӣ вобаста ба пешниҳоди ҳисобот, инчунин назорати рафти омодасозии ҳисоботи молиявӣ масъул мебошанд. Барои баъзе субъектон ба сифати шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ, инчунин ҳайати роҳбарикунанда, аз ҷумлаи аъзоёни иҷроияи мақоми идоракунӣ ва ё соҳибмулк-роҳбар баромад карда метавонад.

## ТАЛАБОТҲО

### Талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ) вобаста ба аудити ҳисоботи молиявӣ

14. Ба аудитор зарур аст, ки зимни амалӣ намудани аудити ҳисоботи молиявӣ талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ)-и дахлдор, аз ҷумла талабот вобаста ба мустақилиятро риоя намояд (ниг. ба параграфҳои А14-А17).

### Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм)

15. Аудитор вазифадор аст, ки банақшагирӣ ва гузаронидани аудитро дар доираи ҳисси муайяни шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) амалӣ намуда, эҳтимолияти ҷой доштани ҳолатҳои ба таҳрифгариҳои ҷиддӣ омода шудани ҳисоботи молиявиро дарк намояд (ниг. ба параграфҳои А18-А22).

### Мулоҳизаронии касбӣ

16. Аудитор вазифадор аст, ки ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ мулоҳизаҳои касбии худро иброз дошта бошад (ниг. ба параграфҳои А23-А27).

### Далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ ва хавфи аудиторӣ

17. Барои ба даст овардани боварии қатъӣ ҷиҳати таҳияи хулосаи асосноки аудиторӣ, аудитор вазифадор аст, ки дар рафти гузаронидани аудит далелҳои

кофӣ ва эътимодноки аудиториро ҷамъ оварда, бо ин роҳ хавфи аудиториро то дараҷаи дахлдор кам намояд (ниг. ба параграфҳои A28-A52).

### Гузаронидани аудит тибқи СБА

### Иҷрои СБА, ки барои аудит қобили қабул аст

18. Аудитор вазифадор аст, ки тамоми Стандартҳои байналмилаии аудитро, ки барои амалӣ намудани аудит қобили қабул аст ва дар ҳамон давра амалкунанда ва вобаста ба ҳолатҳои ҷойдошта дахл дорад, риоя ва иҷро намояд (ниг. ба параграфҳои A53-A57).

19. Аудитор бо мақсади дарк намудани мақсади стандартҳо ва ба роҳбарии дахлдор гирифтани он зимни гузаронидани аудит вазифадор аст, ки бо мазмун ва муҳтавои СБА, дастури татбиқ ва маводҳои тафсирии он пурра шинос бошад (ниг. ба A58-A66).

### Мақсадҳои бо баъзе СБА муқарраргардида

21. Зимни банақшагирӣ ва гузаронидани аудит, бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳо аудитор вазифадор аст, ки мақсадҳои бо СБА муқарраршударо ҷиҳати муайян намудани алоқамандии ин талаботҳо бо ҳолатҳои зерин татбиқ намояд (ниг. ба параграфҳои A67-A69):

(а) зарурати татбиқи дигар чорабиниҳои аудиторӣ бар замми чорабиниҳои бо СБА муқарраршуда барои расидан ба ҳадафҳои муайян (ниг. ба параграфи A70).

(б) арзёбии ҳолати ҷамъ овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудитории имкондошта (ниг. ба параграфи А71).

**Иҷрои талаботҳои дахлдор**

22. Тибқи муқаррароти параграфи 23, аудитор барои татбиқи тамоми талаботҳои СБА бо асос ва дар ҳолатҳои зерин вазифадор намебошад:

(а) дар ҳолати номувофиқ ва бе мавқеъ будани тамоми СБА;

(б) дар ҳолати номувофиқ ва бе мавқеъ будани он бинобар шартан ҳисоб ёфтани меъёрҳо ва мавҷуд набудани зарурати татбиқи он (ниг. ба параграфҳои А72-А73).

23. Дар ҳолатҳои истисноӣ аудитор метавонад оиди сарфи назар кардани иҷрои талаботҳои дахлдори СБА хулоса бароварда, дар чунин ҳолат бо мақсади расидан ба ҳадаф метавонад дигар чорабиниҳои аудитории алтернативиро истифода намояд. Яъне, дар назар дошта шудааст, ки зарурати сарфи назар кардан аз иҷрои талаботҳои СБА дар он сурат ба миён меояд, ки дар ҳолатҳои мушаххас татбиқи ин талаботҳои барои расидан ба ҳадафҳо бе самар буда, татбиқи чорабиниҳои мушаххасро тақозо менамояд (ниг. ба параграфи А74).

**Ғайриимкон гардидани иҷрои ҳадафҳо**

24. Ҳангоми ғайриимкон гардидани иҷрои ҳадафҳои бо меъёрҳои СБА муқарраршуда, аудитор вазифадор аст, ки таъсири ин ҳолатро ба ноил гар-

дидан ба мақсадҳои умумӣ муайян намуда, дар баробари ин ақидаи аудиториро тағйир дода, метавонад аз иҷрои минбаъдаи уҳдадориҳои худ даст кашад, агар ин ҳолат бо меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда бошад. Ғайриимкон гардидани иҷрои ҳадафҳо масъалаи муҳим ба ҳисоб рафта, тибқи меъёрҳои СБА 230 вобаста ба ҳолати ба миёномада бояд ҳуҷҷатҳои дахлдор тартиб дода шавад (ниг. ба параграфҳои А75-А76).[1]

[1] СБА 230 «Ҳуҷҷатҳои аудиторӣ» параграфи 8(в).

# ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚ ВА МАВОДҲОИ ТАФСИРДИҲАНДА

## Аудити ҳисоботи молиявӣ Миқёси аудит (ниг. ба параграфи 3)

А1. Вобаста ба омода гардидани ҳисоботи молиявӣ дар тамоми ҷанбаҳо ва тибқи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ақидаи аудиторӣ ташаккул ёфта, ташаккули чунин ақидаи аудиторӣ барои тамоми намудҳои аудити молиявӣ умумӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар хусусияти умумӣ доштани ақидаи аудиторӣ, он фаъолияти минбаъда, инчунин самаранокӣ ва натиҷанокии пешбурди корҳоро дар объекти санҷишӣ кафолат дода наметавонад.

Тибқи талаботи баъзе аз қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба зарурати ташаккули ақидаи аудиторӣ нисбати баъзе аз масъалаҳо, аз қабили самаранокии системаи назорати дохила ва ё мутобиқат доштани ҳисоботи алоҳидаи роҳбари субъект ба ҳисоботҳои молиявӣ меъёрҳо муқаррар карда шудааст. Дар чунин ҳолат аудитор уҳдадор аст, ки дар баробари ба роҳбарӣ гирифтани талаботҳои Стандартҳо ва дигар дастурамалҳо, инчунин муқаррароти қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар самти ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда низ риоя намояд.

### Омода намудани ҳисоботи молиявӣ (ниг. ба параграфи 4)

А2. Дар самти уҳдадориҳои роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ вобаста ба омода ва

пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ мумкин аст бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меъёрҳо муқаррар карда шуда, вобаста аз ин меъёрҳо уҳдадориҳои онҳо тағйир низ дода шавад. Бо вуҷуди ин тафовутҳо, аудит дар доираи талаботҳои СБА аз рӯи ҳамон талаботҳои аввалин гузаронида шуда, роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ бояд дарк ва эътироф намоянд, ки барои амалҳои зерин дорои масъулият мебошанд:

(а) барои омода намудани ҳисоботҳои молиявӣ тибқи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ ва пешниҳоди он дар дараҷаи саҳеҳ;

(б) барои системаи назорати дохила, ки фаъолияти дуруст ва дахлдори он барои бе таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ ва дигар хатогиҳо алоқаманд омода гардидани ҳисоботи молиявӣ мусоидат менамояд;

(в) барои мусоидати аудитор ҷиҳати:

(i) иҷозати дастрасӣ ба тамоми маълумотҳо, аз ҷумла қайдҳо, ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотҳо, ки барои омода намудани ҳисоботҳои молиявӣ аҳамияти муҳим доранд;

(ii) пешниҳоди маълумотҳои иловагӣ, ки аз ҷониби аудитор дархост карда шудааст;

(iii) дастрасии бемаҳдуд ба дигар шахсон, ки аудитор барои ҷамъ намудани далелҳои аудиторӣ зарур мешуморад.

А3. Барои омода намудани ҳисоботи молиявӣ риоя гардидани талаботҳои зерин аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ зарур мебошад:

– асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъё-

рии ҳуқуқӣ бояд айният ва мутобиқат дошта бошад;

– омода намудани ҳисоботҳои молиявӣ тибқи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ;

– истифодаи мафҳумҳои ба ҳам мувофиқ (якхела) дар сохтори ҳисоботи молиявӣ.

Омодасозии ҳисоботи молиявӣ аз роҳбарияти субъект муайян намудани ҳисобҳои пардохтии дар ҳамон лаҳза қобили қабул ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии амалкунандаро, ки бо асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ муқаррар гардидааст, тақозо менамояд.

А4. Омода намудани ҳисоботҳои молиявӣ тибқи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– талаботи умумии доираи васеъи истифодабарандагон ба маълумотҳои молиявӣ (ҳисоботи молиявии таъиноти умумӣ);

– талаботи доираи муайяни истифодабарандагон ба маълумотҳои молиявӣ (ҳисоботи молиявии таъиноти махсус).

А5. Асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ аксаран меъёрҳои стандартҳои ҳисоботҳои молиявии аз ҷониби мақомоти ваколатдор, дигар ташкилотҳои таҳиякунандаи чунин стандартҳо ва ё талаботҳои қонунгузорӣ муқарраршударо дар бар мегирад. Дар баробари татбиқи талаботҳои зикргардида мумкин аст, ки зимни омода намудани ҳисоботҳои молиявӣ меъёрҳои дигар сарчашмаҳо дар маҷмӯъ ва ё дар алоҳидагӣ ба роҳбарӣ гирифта шуда, ба ин сарчашмаҳо мисол шуда метавонад:

– фазои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ (этикӣ), аз ҷумлаи санадҳои зерқонунӣ, қарорҳои судӣ, ухдадориҳои касбии аҳлоқӣ (этикӣ), ки ба соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ алоқамандӣ дорад;

– шарҳ ва тафсирҳои гуногуни соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои ваколатдор оид ба таҳияи стандартҳо ва ё ташкилотҳои касбӣ ба тасвиб расидааст;

– ақидаҳои гуногун вобаста ба масъалаҳои ба миёномада дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои ваколатдор оид ба таҳияи стандартҳо ва ё ташкилотҳои касбӣ ба тасвиб расидааст;

– усулҳои умумӣ ва соҳавии эътирофшуда ва дар амалия васеъ истифодашаванда;

– адабиётҳои зарурӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ.

Дар сурати ҷой доштани мухолифатҳо дар байни асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва сарчашмаҳо ва ё байни сарчашмаҳо, ки чунин асосҳоро дар бар мегиранд, барои истифода аз сарчашмаҳои дорои ваколатҳои зиёдтар афзалият дода мешавад.

А6. Тибқи талаботҳои асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ шакл ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ муқаррар карда мешавад.

Эҳтимол аст, ки бо асосҳои татбиқшаванда тартиби кушода додан ва инъикос намудани амалиётҳо дар ҳисоботҳои муҳосибӣ нишон дода нашуда бошад, бо вуҷуди ин принсипҳои дар он ифодаёфта барои таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ асос шуда, бо ғояҳои заминавии асосҳо мутобиқат дорад.

А7. Баъзе аз асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди

ҳисоботи молиявӣ барои пешниҳоди саҳеҳи ҳисобот ҳамчун таҳкурсӣ ба ҳисоб рафта, қисми дигари он ба сифати асосҳои мутобиқат истифода мешаванд. Асосҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ асосан стандартҳои ҳисоботи молиявии аз ҷониби ташкилотҳои ваколатдор таҳиягардидаро, ки аз ҷониби субъект зимни омода сохтани ҳисоботҳои молиявии таъиноташон умумӣ истифода бурда мешавад, дар бар гирифта, мақсад аз таҳияи чунин стандартҳо ба даст овардани тасаввуроти дуруст нисбат ба дигар стандартҳои байналмилалӣ, ба мисоли Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), ки аз ҷониби Шӯро оид ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (ШСБҲМ) ба нашр расонида шудааст, ба ҳисоб меравад.

А8. Тибқи талаботи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ маҷмӯи пурраи ҳисоботҳои молиявӣ муқаррар карда шуда, дар ин маврид пешниҳоди маълумотҳои пурра оид ба ҳолат ва натиҷаҳои молиявӣ, гардиши воситаҳои пулии субъект дар назар гирифта шудааст. Инчунин, мумкин аст маҷмӯи пурраи ҳисоботҳои молиявӣ ҳисоботҳоро оид ба мувозина, даромад ва зарар, тағйиротҳо дар сармоя, гардиши маблағҳо ва дигар эзоҳҳои ба он вобастаро дар бар гирад. Барои баъзеи дигар асосҳои пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ барои таркиб ёфтани маҷмӯи пурраи ҳисоботҳои молиявӣ танҳо ҳисоботи молиявӣ ва эзоҳҳои ба он вобаста асос шуда метавонад. Масъалан:

– мувофиқи Стандарти байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ (СББМБД) «Ҳисоботи молиявии бо усули хазинавӣ омодашуда», ки аз

ҷониби Шӯро оид ба стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ба нашр расонида шудааст, муқаррар карда шудааст, ки дар сурати дар доираи меъёрҳои стандарти зикргардида омода шудан, ҳисобот дар бораи ворид ва харҷи воситаҳои пулӣ ҳисоботи ибтидоии молиявиро ташкил медиҳад;

– ба сифати дигар ҳисоботҳои алоҳидаи молиявӣ дар якҷоягӣ бо эзоҳҳои ба он вобаста ҳисоботҳои зерин дохил мешавад:

1. ҳисоботи мувозинавӣ (баланс);
2. ҳисобот оид ба даромад ва амалиётҳо;
3. ҳисобот оид ба даромадҳои тақсимношуда;
4. ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ;
5. ҳисобот оид ба активҳо ва уҳдадориҳо, ки ба сармоя дохил нестанд;
6. ҳисобот оид ба тағйиротҳо ба сармоя;
7. ҳисобот оид ба даромад ва хароҷот;
8. ҳисобот оид ба амалиётҳо дар соҳаи истеҳсолӣ.

А9. Бо СБА 210 талаботҳо ва тартиб вобаста ба қобили қабул будани асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ ва бо СБА 800 масъалаҳои махсуси омода намудани ҳисоботи молиявӣ тибқи асосҳои таъиноти махсус муқаррар карда шудааст.[1]-[2]

А10. Моҳияти талаботи аввалин барои гузаронидани аудит дар он зоҳир мегардад, ки аудитор бояд вобаста ба дарк ва эътироф намудани роҳбарияти субъ-

---

[1] СБА 210 «Ба мувофиқа расонидани шартҳои созишномаи аудит» параграфи 6(а).

[2] СБА 800 «Масъалаҳои махсуси аудити ҳисоботи молиявии тибқи асосҳои таъиноти махсус омодашуда» параграфи 8.

ект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ оиди масъул будани онҳо ҷиҳати муқаррароти параграфи А2, ки ҳамчун шарти пешакии оғози аудит ба ҳисоб меравад, маълумотҳои тасдиққунандаро ба даст орад.[1]

### Ҷанбаҳои хоси аудит дар бахши давлатӣ

А11. Ваколати аудит дар бахши давлатӣ нисбат ба аудит дар дигар бахшҳо васеъ буда, аз ин бар меояд, ки талаботҳои аввалин вобаста ба масъулияти роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ, инчунин масъулияти иловагии онҳоро дар самти амалиётҳои гузаронидашуда дар доираи меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар менамояд.[2]

### Шакли ақидаи аудиторӣ (ниг. ба параграфи 8)

А12. Ақидаи аудитор ҷиҳати омода гардидани ҳисоботи молиявӣ дар ҳама ҷанбаҳо тибқи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ изҳор гардида, шакли он аз татбиқи ин асосҳо ва дигар меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Қисми зиёди асосҳои зикргардида асосан талаботҳои заруриро дар самти риояи тартиби «омода намудан» ва «пешниҳод намудан»-и ҳисоботҳои молиявӣ муайян намудааст.

А13. Агар асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ барои пешниҳоди ҳисоботи саҳеҳ,

[1] СБА 210 параграфи 6 (б).
[2] ниг. ба параграфи А57.

ки одатан зимни пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии таъиноти махсус низ асос шуда метавонад, замина муҳайё карда бошад, тибқи талаботи СБА ақидаи аудитор дар қисмати ба таври саҳеҳ ва дуруст омода ва пешниҳод гардидани ҳисобот дар ҳама ҷанбаҳо изҳор карда мешавад. Дар қисмати мутобиқат доштани ҳисоботҳои молиявӣ бошад, ақидаи аудитор вобаста ба омода ва пешниҳод гардидани ҳисоботҳои молиявӣ дар ҳама ҷанбаҳо мутобиқ ин асосҳо изҳор мегардад.

Дар сурати бо меъёрҳои СБА ба таври аниқ муқаррар нашудани шакли он, ақидаи аудиторӣ дар ҳар ду қисмат, яъне саҳеҳӣ ва мутобиқат доштани он ба асосҳои татбиқшаванда изҳор карда мешавад.

## Талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ)-и ба аудити ҳисоботи молиявӣ алоқаманд (ниг. ба параграфи 14)

A14. Аудитор уҳдадор аст, ки талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ)-и дахлдор, аз ҷумла мустақилиро, ки бо қисмҳои А ва Б Кодекси одоби муҳосибони касбии Федератсияи байналмилалии муҳосибон (Кодекси ФБМ) ва талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ муқаррар гардидааст, зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ риоя намояд.

A15. Қисми А-и Кодекси ФБМ принсипҳои бунёдии одоби касбиро муқаррар карда, ҳамчун ғояи асосии принсипҳои зикршударо ифода намуда, аудитор уҳдадор аст, ки зимни амалӣ намудани аудити ҳисоботи молиявӣ дар доираи принсипҳои бунёдии зерин рафтор намояд:

(а) поквиҷдонӣ;

(б) беғаразӣ;

(в) салоҳиятнокии касбӣ ва дақиққорӣ;

(г) риояи махфият;

(д) рафтори касбӣ.

Қисми Б-и Кодекси ФБМ тартиби татбиқи дигар принсипҳои ғоявиро дар ҳолатҳои машаххас муқаррар намудааст.

А16. Мустақил будани аудитор нисбат ба субъекти мавриди аудид қарор гирифта ба манфиатҳои ҷомеа мувофиқ буда, Кодекси ФБМ мустақилияти аудиторро дар самти мустақил будани ӯ зимни амал ва зимни изҳори ақида муқаррар намудааст.

Мустақил будан ба аудитор имконият медиҳад, ки таҳти таъсиррасонӣ қарор нагирифта, ақидаи аудитории худро таҳия намуда, бо ин роҳ қобилияти салоҳиятнокии касбии худро баланд намуда, холисона рафтор карда, мавқеи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм)-ро устувор ва риояи принсипҳои поквиҷдонӣ ва беғаразиро таъмин намояд.

А17. Стандарти байналмилалии назорати сифат (СБНС) ва ё талаботҳои дар ин соҳа амалкунандаи миллӣ ухдадориҳои ташкилотҳои аудиториро дар самти муайян ва дастгирии фаъолияти системаи назорати сифат муайян намуда, дар ин асно бояд вобаста ба риоя гардидани талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ) ва таъмини принсипи мустақилият аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ ва ҳайати кормандони он боварии қатъӣ пайдо карда шавад.[1]-[2]-[1]

---

[1] Стандарти байналмилалии назорати сифат (СБНС) «Назорати сифат дар ширкатҳои иҷрокунандаи аудити ҳисоботи молиявӣ, дигар созишномаҳо оиди изҳори боварӣ ва хизматрасониҳои ба он вобаста»

[2] СБА 220 «Назорати сифати аудити ҳисоботи молиявӣ» параграфи 2.

СБА 220 уҳдадориҳои шарикони лоиҳаро дар самти талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ)-и дахлдор, аз ҷумлаи ҳушёрӣ, мушоҳидакорӣ, пешниҳоди дархост бо мақсади эҳтимолияти ба даст овардани далелҳои имконпазир вобаста ба риоя нагардидани талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ) аз ҷониби аъзоёни гурӯҳи шарикон муайян намуда, татбиқи амалҳои мазкур хулосаи зарурииро вобаста ба иҷро гардидани талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ) ва принсипи мустақилият ташаккул медиҳад.[2]

Тибқи меъёрҳои СБА 220 эътироф карда шудааст, ки гурӯҳи шарикони лоиҳа зимни иҷро намудани уҳдадориҳои худ дар самти қоидаҳои сифат метавонанд ба системаи назорати сифат такя намоянд.

**Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) (ниг. ба параграфи 15)**

A18. Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) ҳушёриро нисбат ба эҳтимолияти ҷой доштани ҳолатҳои зерин талаб менамояд:

– далелҳои аудиторӣ, ки ба далелҳои пештар ҷамовардашуда мухолифат доранд;

– маълумотҳо, ки эътимоднок ва боварибахш будани ҳуҷҷатҳои ба сифати далелҳои аудиторӣ истифодашавандаро зери шубҳа мегузорад;

– шароитҳое, ки ба эҳтимолияти ҷой доштани кирдорҳои сохтакорӣ нишон медиҳанд;

– ҳолатҳое, ки иловатан ба талаботҳои СБА за-

---

[1] СБНС1, параграфҳои 20-25.

[2] СБА 220, парграфҳои 9-12.

рурати иҷрои дигар чорабиниҳои аудиториро талаб менамояд.

A19. Тақвият бахшидани шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) зимни гузаронидани аудит барои кам намудани хавфҳои зерин мусоидат менамояд:

– мадди назар нагардидани ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ;

– ҷамбасти аз андоза зиёд ҳангоми ташаккули хулосаи аудиторӣ дар асоси мушоҳидакориҳои аудиторӣ;

– истифодаи камбудиҳои ғайри дахлдор зимни муайян намудани хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси татбиқи усулҳои аудиторӣ, инчунин арзёбии натиҷаи истифодаи чунин усулҳо.

A20. Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) барои аз нуқтаи назари танқидӣ арзёбӣ намудани далелҳои аудиторӣ зарур буда, он аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил намудани далелҳои аудитории ба ҳам мухолиф, эътимоднокӣ ва боварибахш будани ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои гирифташуда, инчунин маълумотҳои аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ пешниҳодшударо дар бар мегирад. Ба ғайр аз ин, ҷиҳати ташаккул ёфтани ақидаи аудиторӣ зарур аст, ки хусусият ва ҳолатҳои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ дар вазъияти амалкунанда, аз ҷумлаи ҷой доштани хавфи кирдори сохтакорӣ ва дигар далелҳои ҳуҷҷатӣ пурра муайян ва арзёбӣ карда шавад.

A21. Аудитор зимни гузаронидани аудит метавонад ҳисобот ва ҳуҷҷатҳои аслии пешниҳодшуда ва ё дар сурати мавҷуд набудани шубҳа нусхаи онро қабул намояд.

Дар баробари ин, аудитор уҳдадор аст, ки саҳеҳии маълумотҳои пешниҳодшударо, ки ба сифати далелҳои аудиторӣ истифода бурда мешавад, баррасӣ намояд.[1]

Дар сурати пайдо гардидани шубҳа вобаста ба саҳеҳии маълумотҳо ва ё ҷой доштани кирдорҳои сохтакорӣ (масалан, пайдо шудани шубҳа ҷиҳати аслӣ набудани ҳуҷҷат ва ё қалбакӣ будани маълумотҳои он), тибқи талаботҳои СБА ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур дар ин самт зарурати гузаронидани санҷиши иловагӣ ва ворид намудани иловаҳо ба чорабиниҳои аудиторӣ ба миён меояд.[2]

А22. Аудитор набояд боварии пештар ба даст овардаашро оиди поквиҷдонии роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ мадди назар намояд. Бо вуҷуди он, ҳолати мазкур аудиторро аз уҳдадории зарурати риоя намудани принсипи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) озод накарда, баръакс ҳангоми ба даст овардани боварии қатъӣ дар ин самт ба ӯ имкон медиҳад, ки далелҳои ба дастомадаро қаноаткунанда шуморад.

## Мулоҳизаронии касбӣ (ниг. ба параграфи 16)

А23. Мулоҳизаронии касбӣ барои дар сатҳи дахлдор гузаронидани аудит муҳим буда, шарҳи талаботҳои дахлдори ахлоқӣ (этикӣ)-и бо СБА муқарраргардида, қабули қарорҳои асоснок нисбат ба ҳо-

[1] СБА 500 «Далелҳои аудиторӣ» параграфҳои 7-9

[2] СБА 240параграфи 13, СБА 500 параграфи 11, СБА 505 «Исботкунии беруна» параграфҳои 10-16.

латҳои мавҷуда дар рафти аудит бидуни татбиқ намудани дониш ва таҷрибаи дахлдор ғайриимкон мебошад. Мулоҳизаронии касбӣ зимни қабули қарорҳо вобаста ба масъалаҳои зерин муҳим мебошад:

– муҳиммияти аудит ва хавфи аудиторӣ;

– хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиторӣ, ки ҷиҳати риояи талаботҳои СБА ва ҷамъ овардани делелҳои аудиторӣ истифода мешаванд;

– ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ, иҷрои дигар чорабиниҳои иловагӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои асосӣ;

– арзёбии мулоҳизаҳои роҳбарияти субъект зимни истифодаи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ;

– ташаккули хулоса, ки бо далелҳои аудитории ба даст омада, аз қабили арзёбии аз ҷониби роҳбарият баҳогузории саҳеҳ зимни омода намудани ҳисоботи молиявӣ, асос ёфтааст.

А24. Хусусияти фарққунандаи мулоҳизаронии касбӣ дар он ифода меёбад, ки он аз ҷониби аудитори дорои дараҷаи маълумот, дониш, таҷрибаи зарурӣ ва салоҳиятнок пешниҳод шуда метавонад.

А25. Мулоҳизаҳои касбӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас ба ҳолатҳои воқеӣ, ки ба аудитор маълум аст, асоснок карда мешавад.

Гузаронидани машваратҳо вобаста ба масъалаҳои мушкил ва баҳсии дар рафти аудит ва ё дар доираи гурӯҳи шарикони лоиҳа ба миёномада, ба аудитор имконияти мулоҳизаронии дахлдори бо меъёрҳои СБА 220 муқарраршударо медиҳад.[1]

[1] СБА 220 паргрvärldsfi 18.

A26. Мулоҳизаронии касбӣ аз нуқтаи назари ифода ёфтани ақидаи дахлдор оиди татбиқи принсипҳои аудит ва баҳисобгирии муҳосибӣ, мутобиқат доштани он ба ҳолатҳои воқеии маълумбуда то лаҳзаи пешниҳоди ҳисобот (хулоса)-и аудиторӣ, инчунин муттасилии ҳолатҳои воқеӣ арзёбӣ карда мешавад.

A27. Мулоҳизаронии касбӣ дар рафти гузаронидани аудит амалӣ гардида, ба таври дахлдор бояд ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад. Вобаста ба ин, аудитор уҳдадор аст, ки ҳуҷҷатҳои аудиториро тавре таҳия намояд, ки дар доираи касбӣ пешниҳод шудани ақидаи касбӣ зимни ташаккули хулоса доир ба масъалаҳои муҳим ба аудитори таҷрибадори ба рафти аудит алоқаманднабуда, фаҳмо бошад.[1]

Мулоҳизаронии касбӣ, ки ба ҳолатҳои воқеӣ ва далелҳои эътимодноки аудиторӣ асоснок нашудааст, қобили қабул нест.

## Далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ ва хавфи аудиторӣ (ниг. ба параграфи 5 ва 17)

### Хусусияти кофӣ ва эътимоднокии далелҳои аудиторӣ

A28. Далелҳои аудиторӣ барои тасдиқи ақида ва ҳисобот (хулоса)-и аудиторӣ зарур буда, бевосита дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои аудиторӣ ҷамъ оварда мешаванд. Инчунин, маълумотҳои аз дигар сарчашмаҳо ба даст омада, ба монанди натиҷаи аудити қаблӣ (яъне муайян карда мешавад, ки пас аз ауди-

---

[1] СБА 230 параграфи 8

ти қаблӣ тағйиротҳо ҷой доранд ва эҳтимолияти таъсири онҳо ба рафти аудити навбатӣ муҳим аст) ва ё чорабиниҳои назорати сифат низ далели аудиторӣ шуда метавонад. Дар баробари дигар сарчашмаҳо, маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва маълумотҳои аз ҷониби экспертҳои (коршиносон) мустақил пешниҳодгардида сарчашмаи муҳими ба даст овардани далелҳои аудиторӣ ба ҳисоб меравад.[1]

Ҳамчун далелҳои аудиторӣ маълумотҳои тасдиқкунанда ва инкоркунанда, инчунин дар баъзе ҳолатҳо мавҷуд набудани маълумот (масалан, даст кашидани роҳбарияти субъект аз пешниҳоди маълумот) низ шуда метавонад.

Қисми зиёди фаъолияти аудитор зимни ташаккул ёфтани ақидаи аудиторӣ маҳз аз ҷамъ овардан ва арзёбии далелҳои аудиторӣ иборат мебошад.

А29. Хусусияти кофӣ ва эътимоднокии далелҳои аудиторӣ бо ҳам алоқамандӣ дошта, кофӣ будани он дар дараҷаи шуморавии он ифода меёбад. Шумораи зарурии далелҳои аудиторӣ аз арзёбии хавфи таҳрифгарӣ (баланд будани хавфи ба даст овардани шумораи зиёди далелҳоро тақозо менамояд), инчунин аз сифати ин далелҳо (баланд будани сифати он ҷамъ овардани шумораи зиёди далелҳоро тақозо наменамояд) вобастагӣ дорад. Ҷамъ овардани шумораи зиёди далелҳои аудиторӣ сифатнокии онро ҷуброн карда наметавонад.

А30. Хусусияти эътимоднокии далелҳои аудиторӣ

---

[1] СБА 315 «Ҳаммонандкунӣ ва арзёбии хавфҳои таҳрифкориҳои ҷиддӣ дар асоси доштани маълумот оид ба субъект ва ҳайати он» параграфи 9.

дараҷаи сифатии он ба ҳисоб рафта, боварибахш ва қобили қабул будани он ба таҳияи хулосаи асоснок замина фароҳам меорад. Эътимоднокии далелҳо инчунин аз сарчашма, ҳолатҳои воқеии ба дастоварӣ ва хусусияти онҳо вобастагӣ дорад.

A31. Муайян намудани ҳолати ҷамъ овардани далелҳои аудитории кофӣ ва эътимоднок бо мақсади то сатҳи поёнӣ кам кардани хавфи аудиторӣ аз дараҷаи муҳокимаронииҳои аудиторӣ вобастагӣ дошта, ба аудитор имкон медиҳад, ки хулосаи мантиқан дурусти аудиторӣ пешниҳод намояд.

Талаботҳои СБА 500 ва дигар стандартҳои дахлдор талаботҳои иловагӣ ва тартиби ҳалли масъалаҳоро, ки ҷиҳати ҷамъ овардани далелҳои кофӣ ва эътимоднок мусоидат менамоянд, муқаррар намудааст.

**Хавфи аудиторӣ**

A32. Хавфи аудиторӣ бевосита ба хавфи ошкор накардани таҳрифгариҳои ҷиддӣ алоқамандӣ дошта, арзёбии ин хавф ба чорабиниҳои аудитории таҳиягардида бо мақсади ба даст овардани маълумот ва далелҳои аудиторӣ асос ёфта, арзёбии мавзӯи мазкур аз мулоҳизаронии касбӣ вобастагии зиёд дорад.

A33. Тибқи талаботҳои СБА муқаррар гардидааст, ки хавфи аудиторӣ вобаста ба ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддӣ бояд дар асоси ҳолатҳои воқеии ҷойдошта муайян карда шуда, дар сурати ҷой надоштани хавф изҳори ақида намудани аудитор вобаста ба бо таҳрифгариҳои ҷиддӣ омода шудани ҳисоботи молиявӣ, ба доираи чунин хавф дохил намешавад. Хавфи аудиторӣ истилоҳи техникӣ ба ҳисоб рафта, танҳо ба

рафти аудит алоқамандӣ дошта, ба хавфи соҳибкорӣ, аз қабили зарари дар натиҷаи баҳсҳои судӣ, паст намудани шаъну шӯҳрат расидааст, татбиқ карда намешавад.

**Хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ**

А34. Эҳтимолияти ҷой доштани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар зинаҳои зерин имконият дорад:

– дар зинаи ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ;

– дар зинаи қабули қарорҳо вобаста ба дараҷаи амалиётҳо, бақияи ҳисобҳо ва кушода додани дигар маълумотҳои молиявӣ.

А35. Хавфи ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар зинаи ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ хавфи паҳн гардидани он ба тамоми ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ ба ҳисоб рафта, метавонад ба бисёре аз қарорҳои қабулгардида таъсири манфӣ дошта бошад.

А36. Арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар зинаи қабули қарорҳо бо мақсади муайян намудани хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудитории минбаъда, ки дар рафти он далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ ба даст оварда мешавад, амалӣ гардида, далелҳои ҷамоварда имконияти изҳори ақидаи аудиториро вобаста ба ҳисоботи молиявӣ дар дараҷаи поёнии хавфи аудиторӣ медиҳад. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳо ҷиҳати арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, аудитор аз усулҳои гуногун, аз қабили усули риёзӣ истифода намуда, ин усул метавонад имконияти муайян намудани дараҷаи эҳтимолияти ошкор нагардидани хавфро таъмин намояд.

А37. Хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар зинаи қабу-

ли қарорҳо аз ду қисмат-хавфи ҷудоинопазир ва хавфи системаи назорат иборат буда, хавфҳои зикргардида ба субъект мансуб буда, новобаста аз аудити ҳисоботи молиявӣ амал менамоянд.

A38. Хавфи ҷудоинопазир метавонад зимни қабули қарорҳо вобаста ба дараҷаи амалиётҳо, бақияи ҳисобҳо ва кушода додани натиҷаҳои онҳо нисбат ба дигар ҳолатҳо зиёд ҷой дошта бошад. Масалан, ҳисоббаробаркуниҳои мураккаб, ки хусусияти номуайянӣ дорад, аз мавҷудияти чунин хавф дарак медиҳад. Инчунин, дигар омилҳо, аз қабили мавҷуд набудани сармояи гардони басанда барои идома додани фаъолият ва ё таназзули соҳа, ки боиси ба муфлисӣ расидан мегардад, ба хавфи ҷудоинопазир таъсир дошта метавонанд.

A39. Хавфи системаи назорат аз ташкил, ҷорӣ ва дастгирӣ намудани фаъолияти системаи назорати дохилӣ алоқамандии бевосита дошта, он барои кам кардани хавфи ноил нагардидан ба мақсадҳо ва айниятдкунонии хавфҳо дар самти омодасозии ҳисоботҳои молиявӣ мусоидат менамояд. Бо вуҷуди дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда шудани системаи назорати дохилӣ, бинобар ваколатҳои маҳдуд доштани он, хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботҳои молиявӣ бинобар ҷой доштани омилҳои субъективӣ, маслиҳати пешакӣ ва эътибор надодан ба фаъолияти системаи назорати дохилӣ аз ҷониби роҳбарият, ба таври пурра бартараф карда нашуда, бинобар ин ба таври доимӣ ҷой доштани баъзе аз хавфҳои системаи назорат доимо боқӣ мемонад. Бо СБА талаботҳо вобаста ба уҳдадориҳои аудитор муқаррар карда шудааст, ки тибқи он самаранокии фаъолияти воситаҳои назорат маври-

ди санҷиш қарор дода шуда, ҳангоми муайян намудани хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои санҷишӣ оиди зарурати мавриди санҷиш қарор додани мавзӯи мазкур аз ҷониби аудитор қарор қабул карда мешавад.[1]

A40. Бо талаботҳои СБА хавфи ҷудоинопазир ва хавфи системаи назорат ҳамчун арзёбии якҷояи хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, бо вуҷуди ин аудитор бо истифода аз усулҳои афзалиятнок, методологияи аудит ва ё таҷрибаи андӯхта метавонад хавфи ҷудоинопазир ва хавфи системаи назоратро ба таври алоҳида ва ё дар якҷоягӣ арзёбӣ намояд, ки чунин арзёбӣ дар ҳама ҳолатҳо нисбат ба дигар усулҳои арзёбӣ зарур ва муҳимтар мебошад. Арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ метавонад дар дараҷаҳои шуморавӣ, фоизӣ ва ё ғайришуморавӣ баён гардад.

A41. МСА 315 талаботҳо ва тартиби айнияткунонӣ ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддиро дар зинаи ҳисоботи молиявӣ ва зинаи қабули қарорҳо муқаррар намудааст.

**Хавфи ошкор нагардидан**

A42. Дар ин зинаи хавфи аудиторӣ зинаи қобили қабули хавфи ошкор нагардидан бо арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар зинаи қабули қарорҳо алоқаи баргардандагӣ дошта, бо таври дахлдор арзёбӣ гардидани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, дараҷаи хавфи ошкор нагардидани чунин таҳрифгариҳоро кам

[1] СБА 330 «Амали аудитор вобаста ба хавфҳои арзёбигардида» параграфҳои 7-17

гардонида, барои ба даст овардани далелҳои эътимодноки аудиторӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

A43. Хавфи ошкор нагардидан ба хусусият, мӯҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиторӣ, ки бо мақсади кам намудани хавфи аудиторӣ аз ҷониби аудитор муайян карда шудааст, алоқамандӣ дошта, ин ҳолат аз самаранокии чорабиниҳои аудиторӣ ва татбиқи он дар самтҳои зерин вобаста мебошад:

– банақшагирии комилан мувофиқ;

– таъини комилан мувофиқи ҳайати гурӯҳ оид ба лоиҳа;

– риояи принсипи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм);

– назорат ва санҷиши иҷрои корҳои аудиторӣ.

Яъне, риояи талаботҳои зикргардида ба баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои аудиторӣ мусоидат намуда, эҳтимолияти аз ҷониби аудитор ҳолатҳои амалӣ намудани чорабиниҳои дахлнадошта, нодуруст татбиқ гардидани чунин чорабиниҳо ва ё шарҳи нодурусти натиҷаҳои аудитро бартараф менамояд.

A44. Бо СБА 300 ва СБА 330 талаботҳо ва тартиби банақшагирии аудити ҳисоботи молиявӣ ва амалҳои аудитор вобаста ба хавфҳои арзёбигардида муқаррар карда шудааст. Хавфи ошкор накардан бо сабаби мавҷуд будани маҳдудиятҳои ҷудоинопазири аудит мумкин аст кам карда шуда, дар баробари ин мавҷудияти баъзе аз хавфҳои ошкор накардан доимо боқӣ мемонад.[1]

---

[1] СБА 300 «Банақшагирии аудити ҳисоботи молиявӣ».

## Маҳдудиятҳои ҷудоинопазири аудит

A45. Дар ҳама ҳолат интизор намеравад, ки аз ҷониби аудитор хавфи аудиторӣ то дараҷаи ниҳоӣ кам карда шудааст. Иҷрои ин амал ғайриимкон буда, оиди ҷой надоштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар ҳисоботҳои молиявӣ дар ягон ҳолат боварии мутлақо эътимоднок ба даст овардан ғайриимкон аст. Сабаби ба миён омадани чунин ҳолат дар мавҷуд будани маҳдудиятҳои ҷудоинопазири аудит буда, дар натиҷаи он қисми зиёди делелҳои аудиторӣ, ки дар асоси онҳо ақидаи аудиторӣ ташаккул меёбад, аз рӯи хусусияти худ бештар ҳамчун далели тасдиқи ин ақида ҳисоб шуда, хусусияти хулосаи ниҳоиро доро намебошад.

Маҳдудиятҳои ҷудоинопазири аудит аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

– хусусияти ҳисоботи молиявӣ;

– хусусияти чорабиниҳои аудиторӣ;

– зарурати гузаронидани аудит дар доираи тӯли муҳлат ва харҷи қобили қабул ва оқилона.

## Хусусияти ҳисоботи молиявӣ

A46. Омода намудани ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби роҳбарияти субъект ба инобат гирифтани ҳолатҳои воқеиро зимни татбиқи талаботҳои асосҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ талаб менамояд. Ғайр аз ин, дар баъзе аз бандҳои ҳисоботи молиявӣ ҷой доштани қарорҳои субъективӣ, арзёбӣ, дараҷаи номуайянӣ ва эҳтимолияти як қатор шарҳу ғояҳо мумкин аст. Аз ин ҷост, ки хусусияти ҷудоинопазири баъзе аз

бандҳои ҳисоботи молиявӣ тағйирёбанда будани онҳо ба ҳисоб рафта, бо роҳи истифодаи чорабиниҳои иловагии аудиторӣ бартараф кардани он ғайриимкон буда, чунин ҳолатҳо бештар дар арзёбии ҳисоббаробаркуниҳо дучор меоянд.

Тибқи меъёрҳои СБА аудитор бояд масъалаи қобили қабул будани арзёбии ҳисоббаробаркуниҳо ва ба талаботи асосҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мувофиқат доштани он, инчунин ҷанбаҳои сифатноки амалияи баҳисобгирӣ ва эҳтимолияти ҷой доштани аломатҳои ғаразнок дар ақидаҳои роҳбарияти субъектро баррасӣ намояд.[1]

### Хусусияти чорабиниҳои аудиторӣ

А47. Имконияти аз ҷониби аудитор ба даст овардани далелҳои аудиторӣ аз нуқтаи назари амалия ва ҳуқуқӣ бо асосҳои зерин маҳдуд мебошад. Масалан:

– дар асоси дархости аудитор аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ эҳтимоли барқасдона пешниҳод нагардидани маълумотҳои пурра, ки барои омода намудани ҳисоботи молиявӣ муҳим мебошад. Бинобар ин, аудитор бо вуҷуди иҷрои чорабиниҳои аудиторӣ бо мақсади ҷамъ овардани маълумотҳо, оиди дар ҳаҷми пурра ба даст овардани маълумотҳо эътимоди қатъӣ пайдо карда наметавонад.

[1] СБА 540 «Аудити арзёбии ҳисоббаробаркунӣ, аз ҷумла арзёбии ҳисоббаробаркунии арзиши ҳақиқӣ ва кушодашавиҳои дахлдор» ва СБА 700 «Ташаккули ақида вобаста ба пешниҳоди ҳисобот (хулоса) оид ба ҳисоботи молиявӣ» параграфи 12.

– кирдорҳои сохтакорӣ бо мақсади рӯйпуш намудани онҳо метавонад бо истифода аз нақшаҳои мураккаб ва ҳамаҷониба ташкилёфта содир шуда бошад. Бинобар ин, иҷрои чорабиниҳои аудиторӣ барои ҷамъ овардани далелҳои аудиторӣ ҷиҳати ошкор намудани таҳрифгариҳои барқасдона бо роҳи маслиҳати пешакӣ оиди сохтакории ҳуҷҷатҳо, ки аз ҷониби аудитор ҳамчун аслӣ эътироф мегардад, метавонад самара набахшад. Аудитор бошад дар ин самт дорои дараҷаи тахассусӣ набуда, имконияти муайян намудани аслияти ҳуҷҷатҳоро надорад.

– аудит тафтиши расмии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ набуда, аудитор дорои ваколати махсуси ҳуқуқӣ, ба мисли гузаронидани кофтуков намебошад.

## Пешниҳоди саривақтии ҳисоботи молиявӣ ва мувозинаи (баланс) байни фоида ва хароҷот

A48. Мураккабӣ, зарурати вақт ва дигар хароҷотҳо вобаста ба аудит, ки роҳҳои дигари ҳалли он мавҷуд нест ва ё қонеъ гардидан ба далелҳои аудитории ба дастомада, ки эътимодбахш нестанд, барои аз ҷониби аудитор ба иҷро нарасонидани чорабиниҳои аудиторӣ асос шуда наметавонад.

Банақшагирии дахлдор барои муқаррар намудани муҳлат ва воситаҳои кофӣ барои амалӣ намудани аудит мусоидат намуда, мавҷуд будани маълумоти арзишдор сарфаи вақтро таъмин карда, ба даст овардани мувозинати байни эътимоднокии маълумотҳо ва арзиши он зарур буда, ин ҳолат бо асосҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ эътироф карда шудааст. Аз ин сабаб, аз ҷониби истифодабарандагони ҳисоботҳои молиявӣ интизор

меравад, ки ақидаи аудитор вобаста ба ҳисоботи молиявӣ дар доираи вақт ва бо арзиши муайян ташаккул ёфта, эътироф менамоянд, ки амалан баррасӣ ва санҷиши тамоми маълумотҳо дар сурати ҷой доштани хатогиҳо ғайриимкон мебошад.

A49. Вобаста ба ин омилҳо, ба аудитор зарур аст:

– банақшагирии аудитро тавре ба роҳ монад, ки иҷрои самараноки он таъмин гардад;

– тамоми қувваро ба ҳамон соҳае равона созад, ки дар он эҳтимолияти ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддӣ ба сохтакорӣ ва дигар хатогиҳо алоқаманд мавҷуд аст;

– санҷиш ва таҳлили маҷмӯии мазмуни таҳрифгариҳоро истифода намояд.

A50. Дар раванди амалҳои дар параграфи A49 дарҷгардида, бо СБА нисбати банақшагирӣ ва гузаронидани аудит аз ҷониби аудитор дар қатори дигар амалҳо, иҷрои амалҳои зерин муқаррар карда шудааст:

– ба даст овардани асосҳо барои айниятконӣ ва арзёбии таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар зинаи ҳисоботи молиявӣ ва дар зинаи қабули қарорҳо бо роҳи иҷрои чорабиниҳо оид ба арзёбии хавф ва дигар амалҳои ба он вобаста;[1]

– истифодаи натиҷаи санҷиш ва таҳлили маҷмӯӣ, ки ба аудитор имконияти пайдо намудани ақидаи воқеиро дар маҷмӯъ фароҳам оварда тавонад.[2]

---

[1] СБА 315 параграфҳои 5-10.

[2] СБА330, СБА 500, СБА 520 «Чорабиниҳои таҳлилӣ», СБА 530 «Иқтибоси аудиторӣ»

**Масъалаҳои дигари ба маҳдудиятҳои ҷудоинопазири аудит таъсир расонанда**

А51. Дар ҳолати қабули қарор ва усулҳои муайяни омӯзиши оқибатҳои иқтидории маҳдудиятҳои ҷудоинопазир, имконияти аз ҷониби аудитор ошкор карданни таҳрифгариҳои ҷиддӣ зиёдтар гардида, мавзӯҳои зеринро дар бар мегирад:

– кирдорҳои сохтакорӣ, махсусан кирдорҳои сохтакорие, ки дар он роҳбарияти болоии субъект алоқамандӣ доранд ва ё мавҷуд будани маслиҳати пешакӣ. Тафсири бештар дар СБА 240 оварда шудааст;

– ҷой доштани муносибатҳои ҳаматарафаи амалиётӣ байни тарафҳои алоқаманд. Тафсири бештар дар СБА 550 оварда шудааст;[1]

– риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Тафсири минбаъда дар СБА 250 оварда шудааст;[2]

– ҳолатҳои пешбинишаванда, ки метавонад ба қатъ гардидани фаъолияти минбаъдаи объекти санҷишӣ мусоидат намояд. Тафсири бештар дар СБА 570 оварда шудааст.[3]

Дигар СБА-и дахлдор иҷрои чорабиниҳои мушаххаси аудиториро, ки ба сабук намудани самараи маҳдудиятҳои ҷудоинопазир мусоидат менамояд, муқаррар намудааст.

---

[1] СБА «Тарафҳои ба ҳам алоқаманд».

[2] СБА 250 «Баҳисобгирии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар рафти аудити ҳисоботи молиявӣ».

[3] СБА 570 «Фарзия оиди муттасилии фаъолият».

А52. Туфайли маҳдудиятҳои ҷудоинопазири аудит хавфи ногузир ҷой дорад, ки дар натиҷаи он, бо вуҷуди банақшагирии дахлдори аудит тибқи талаботҳои стандартҳо ошкор нагардидани баъзе аз таҳрифгариҳои ҷиддӣ ба миён меояд. Бинобар ин, дар минбаъда ошкор гардидани таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботи молиявӣ имконияти гузаронидани аудитро тибқи талаботҳои стандартҳо ғайриимкон нагардонида, ҷой доштани маҳдудиятҳои ҷудоинопазир ба аудитор асос намедиҳад, ки далелҳои аудитории камэътимодро ҳамчун далелҳои эътимодбахш ҳисоб намояд.

Аз ҷониби аудитор дар доираи талаботҳои стандартҳо гузаронида шудани аудит, аз натиҷаи амалӣ гардидани чорабиниҳои аудиторӣ, ки дар шароити мураккаб гузаронида шудааст, кофӣ ва эътимоднок будани далелҳои аудиторӣ ва ҳисобот (хулоса)-и аудиторӣ муайян мегардад.

**Гузаронидани аудит тибқи СБА**
**Хусусияти СБА (ниг. ба параграфи 18)**

А53. Стандартҳои байналмилалии аудит дар маҷмӯъ стандартҳои кории аудиторро ҷиҳати расидан ба мақсадҳои аудиторӣ муқаррар намуда, уҳдадориҳои умумии аудитор, инчунин баррасии дигар масъалаҳои махсус дар раванди татбиқи ин вазифаҳо муайян карда шудааст.

А54. Соҳаи татбиқ, санаи амалӣ намудан ва дигар маҳдудиятҳои махсус дар меъёрҳои худи СБА муқаррар карда шуда, дар сурати муайян нагардидани меъёрҳо ба аудитор иҷозат дода мешавад, ки то санаи

ба қувваи қонунӣ даромадан аз меъёрҳои стандарт истифода намояд.

A55. Талаботҳои СБА аз меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бартарӣ надошта, аудитор зимни гузаронидани аудит дар баробари истифода аз талаботҳои СБА инчунин меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба роҳбарӣ мегирад.

Дар сурати мувофиқат надоштани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба СБА ва дар рафти аудит танҳо ба роҳбарӣ гирифтани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ намудани чунин аудит низ беихтиёр ба меъёрҳои СБА мутобиқат дошта наметавонад.

A56. Аз ҷониби аудитор имконияти амалӣ намудани аудит дар доираи талаботҳои СБА ва меъёрҳои қонунгузории миллӣ низ ҷой дошта, дар ин ҳолат аз аудитор тақозо карда мешавад, ки дар баробари татбиқи СБА чорабиниҳои аудиториро бо истифода аз меъёрҳои қонунгузории миллӣ амалӣ намояд.

### Ҷанбаҳои хоси аудит дар бахши давлатӣ

A57. Татбиқи талаботҳои СБА вобаста ба созишномаҳо дар бахши давлатӣ низ паҳн гардида, дар баробари ин ба ваколатҳои аудитор вобаста ба бахши давлатӣ меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (дастури вазоратҳо, супориши ҳукумат ва ё қарори мақоми қонунгузор), ки соҳаи васеъро нисбат ба аудити ҳисоботи молиявӣ дар бар мегирад, метавонад таъсиррасон бошад. СБА чунин уҳдадориҳои иловагиро дар бар нагирифта, он дар нашрияҳои Ташкилотҳои байналмилалии институтҳои олии

аудит, ташкилотҳои миллӣ оид ба таҳияи стандартҳо ва дигар дастурҳои аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ вобаста ба масъалаи аудит таҳиягардида, дарҷ гардидаанд.

**Мундариҷаи СБА (ниг. ба параграфи 19)**

А58. Дар баробари мақсад ва талаботҳо, бо СБА тартиби татбиқи меъёрҳои он ва дигар маводҳои тафсирдиҳанда муқаррар карда шуда, бо мақсади татбиқ ифода намудани мазмуни дурусти ин меъёрҳо, инчунин метавонад маводҳои муқаддимавӣ ва мафҳумҳоро дар бар гирад. Бинобар ин, татбиқи дахлдори он ҷиҳати расидан ба мақсадҳо мусоидат менамояд.

А59. Дар сурати зарурӣ тартиби татбиқ ва маводҳои тафсирдиҳанда тартиби иҷрои талаботҳои бо СБА муқарраршударо муайян намуда, ба ҳолатҳои зерин мусоидат менамояд:

– ба таври дақиқ бештар маънидод намудани моҳият ва соҳаи татбиқи талаботҳо;

– нишон додани намунаи чорабиниҳо, ки татбиқи онҳо дар шароити ба миён омада, қобили қабул аст.

Гарчанде тартиби татбиқ ва маводҳои тафсирдиҳанда талаботҳои ҳатмиро оиди дастрасии он дар бар нагирад ҳам, татбиқи онҳо аҳамияти калон дошта, қисми «Дастур оид ба татбиқ ва маводҳои тафсирдиҳанда» маълумотҳои муқаддимавии бо СБА-и дахлдор баррасишавандаро дар бар гирифтааст.

А60. Тартиби татбиқ ва маводҳои тафсирдиҳанда замимаҳои дахлдорро дар бар гирифта, мақсад аз истифодаи он дар матни Стандарт ва ё дар сарсухани ин замимаҳо оварда шудааст.

А61. Дар ҳолатҳои зарурӣ маводҳои муқаддимавӣ шарҳи чунин масъалаҳоро дар бар мегирад:

– мақсад ва соҳаи татбиқ ва алоқаи СБА-и мазкур бо дигар стандартҳо;

– мавзӯи омӯзиши СБА;

– уҳдадориҳои дахлдори аудитор ва дигар шахсон вобаста ба мавзӯи омӯзиши СБА;

– матни СБА.

А62. Дар қисми «Мафҳумҳо» мазмуни мафҳумҳои дар СБА истифодашаванда ифода ёфта, ҷиҳати татбиқи мунтазам ва шарҳи он мусоидат намуда, ин мафҳумҳо нисбат ба мафҳумҳои бо дигар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршуда бартарӣ надоранд. Агар тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, мафҳумҳо барои тамоми СБА мазмуни якхела доранд.

Луғати истилоҳҳои дар Стандартҳои байналмилалӣ истифодашаванда, ки аз ҷониби Кумита оид ба стандартҳои байналмилалии аудит дар Маҷмӯи стандартҳои байналмилалии аудит ва назорати сифат ба нашр расонида шудааст, рӯйхати пурраи истилоҳҳои СБА-ро бо мақсади шарҳ ва тарҷумаи якхелаи онҳо дар бар гирифтааст.

А63. Дар қисми «Дастур оид ба татбиқ ва маводҳои тафсирдиҳанда» дар ҳолатҳои зарурӣ ҷанбаҳои иловагии ба аудити субъектони хурд ва субъектони бахши давлатӣ хосбуда ифода ёфта, ин ҷанбаҳо ба татбиқи талаботҳои СБА дар ин бахшҳо мусоидат намуда, уҳдадориҳои аудиторро вобаста ба татбиқ ва иҷрои талаботҳои МСА маҳдуд ва ё кам намесозад.

## Ҷанбаҳои хоси субъектони хурд

A64. Дар матни ҷанбаҳои иловагии хос ба аудити субъектони хурд, мафҳуми «субъекти хурд» нисбати субъекти дорои хусусиятҳои зерин ифода ёфтааст;

(а) моликият ва идоракунӣ дар дасти шумораи начандон зиёди шахсон (бештар як шахс ё ин ки шахси воқеӣ, ё ташкилоте, ки субъект дар моликияти ӯ қарор дорад);

(б) як ва ё зиёда аз он хусусиятҳои зерин:

(i) амалиётҳои муқаррарӣ ва содда кардашуда;

(ii) системаи соддакарда шудаи баҳисобгирӣ;

(iii) миқдори ками самтҳои тиҷоратӣ ва шумораи ками маҳсулот дар доираи самтҳои тиҷоратӣ;

(iv) шумораи ками воситаҳои назорати дохилӣ;

(v) шумораи ками зинаи роҳбарият, ки ба ҷанбаҳои васеи воситаҳои назорат масъул мебошанд;

(vi) шумораи ками ҳайати кормандон, дар сурате ки қисми зиёди онҳо доираи васеи уҳдадориҳоро иҷро менамоянд.

Рӯйхати хусусиятҳои мазкур ниҳоӣ ва охирин набуда, ҳамзамон метавонад ба субъектони хурд чунин хусусиятҳо ҳатмӣ набошад.

A65. Ҷанбаҳои хоси субъектони хурд бо талаботҳои СБА нисбати субъектоне муқаррар гардидааст, ки қоғазҳои қиматноки онҳо дар биржаҳо нархгузорӣ нашудаанд. Баррасии баъзе аз ин ҷанбаҳо зимни аудити субъектони хурд метавонад фоидабахш гардад.

A66. Тибқи талаботҳои СБА соҳибмулки субъекти хурд, ки дар идоракунии амалиятҳо иштирок дорад, ҳамчун «соҳибмулк-идоракунанда» ифода ёфтааст.

**Мақсадҳои дар баъзе СБА ифодагардида (ниг. ба параграфи 21)**

А67. Ҳар як СБА як ё як чанд мақсадҳоро, ки зинаи пайвасткунанда байни талаботҳо ва мақсадҳои умумии аудитор ба шумор меравад, муқаррар менамояд. Мақсадҳои муқаррааргардида ба ҷалб намудани диққати аудитор оиди ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ равона гардида, ба аудитор мусоидат менамояд, ки:

– дарк намояд, ки кадом натиҷаҳо бояд ба даст оварда шавад ва ҷиҳати ба мақсад расидан аз кадом воситаҳо истифода карда шавад;

– барои расидан ба мақсад қабули кадом қарор оиди андешидани дигар чорабиниҳо зарур аст.

А68. Мақсадҳо бояд дар матни «Мақсади умумии аудитор», ки дар параграфи 11 СБА-и мазкур оварда шудааст, бояд шарҳ дода шавад. Маҳдудияти ҷудоинопазири аудит ба монанди дар ҳолатҳои ба мақсадҳои умумии аудитор дахлдошта, ба имконияти расидан ба мақсадҳои алоҳида низ паҳн мегардад.

А69. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо аудитор уҳдадор аст, ки алоқамандии талаботҳои СБА-ро, ки дар параграфи А53 СБА нишон дода шудааст, бинобар дар баъзе ҳолатҳо муқаррар гардидани уҳдадориҳои умумӣ ва дар ҳолатҳои дигар уҳдадориҳо вобаста ба вазифаҳои мушаххас, ба инобат гирад. Масалан, тибқи талаботи СБА-и мазкур, ба аудитор зарур аст, ки дар тамоми ҷанбаҳои банақшагирӣ ва иҷрои аудит принсипи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм)-ро риоя намояд. Бо меъёрҳои СБА 315 ва СБА 330 талаботҳо вобаста ба уҳдадориҳои аудитор дар самти айниятку-

нонӣ ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, инчунин таҳия ва иҷрои минбаъдаи чорабиниҳои аудиторӣ вобаста ба ин ҳолатҳо муқаррар карда шуда, ин талаботҳо дар тамоми раванди аудит татбиқ карда мешавад. Бо талаботҳои СБА, ки ин ё он ҷанбаҳои аудитро муайян месозад (масъалан СБА 540), мумкин аст дар самти татбиқи меъёрҳои муайян ва такрор нагардидани татбиқи онҳо қарор гирифта (СБА 315 ва СБА330), ҳамин тариқ ҳангоми расидан ба ҳадафҳои бо меъёрҳои СБА 540 муқарраршуда, аудитор талаботҳои дигар СБА-ро, ки дар ҳамин маврид қобили қабул аст, дастрасӣ намояд.

**Истифодаи мақсадҳо барои муайян намудани зарурати чорабиниҳои иловагии аудиторӣ (ниг. ба параграфи 21 (а))**

А70. Талаботҳои СБА бо мақсади расидан ба ҳадафҳои бо он муқарраргардида ва мақсадҳои умумии аудитор таҳия гардида, татбиқи дурусти он ба аудитор имконияти расидан ба ҳадафҳои мавҷударо медиҳад. Бинобар тағйирёбанда будани шароиту ҳолатҳо, тамоми вазъ бо СБА муқаррар карда нашуда, дар ин ҳолат аудитор уҳдадор аст, ки иҷрои чорабиниҳои дахлдори аудиториро муайян намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо риоя ва иҷрои дурусти талаботҳоро таъмин намояд. Дар ин маврид, аз ҷониби аудитор дар баробари чорабиниҳои аудитории бо СБА муқарраргардида, зарурати гузаронидани дигар чорабиниҳои иловагии аудиторӣ ба миён меояд.

**Истифодаи мақсадҳо ҷиҳати арзёбии ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ (ниг. ба параграфи 21 (б))**

А71. Аудитор уҳдадор аст, ки ҷиҳати арзёбии ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ истифодаи мақсадҳоро таъмин намуда, дар сурати пайдо намудани хулосаи баръакс, метавонад аз як ва ё зиёда аз он амалҳои муносиби зерин истифода намояд:

– арзёбӣ карда шавад, ки далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ ба даст оварда шудааст ва ё дар ҳолати иҷро намудани талаботҳои дигари СБА имконияти ба даст овардани онҳо ҷой дорад;

– доираи иҷрои корҳоро дар рафти татбиқи як ва зиёда аз он талаботҳо васеъ намояд;

– чорабиниҳои дигарро, ки мувофиқи ақидаи ӯ дар ҳолати ба миёномада зарур аст, иҷро намояд.

Дар сурати ғайриимкон будани иҷрои ягон аз амалҳои дар боло зикршуда, ки барои ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимоднок мусоидат намекунад, тибқи талаботҳои СБА аудитор уҳдадор аст, ки таъсири оқибатҳои ин ҳолатро ба омода сохтани ҳисобот (хулоса)-и аудиторӣ ва ё имконияти ба охир расонидани аудит муайян намояд.

**Иҷрои талаботҳои дахлдор (ниг. ба параграфи 22)**

А72. На дар ҳама ҳолатҳо иҷрои талаботҳои СБА қобили қабул мебошад. Масалан, дар сурати ташкил ва фаъолият надоштани хадамоти назорати дохилӣ

аудит бидуни иҷрои муқаррароти СБА 610 амалӣ карда мешавад.[1]

A73. Бо меъёрҳои СБА метавонад талаботҳои шартӣ, ки хусусияти возеҳ ва тахминӣ доранд, муқаррар карда шавад. Масалан:

– талаботи тағйир додани ақидаи аудиторӣ талаботи шартан возеҳу равшан ҳисобида мешавад;[2]

– талаботи хабардор намудани роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дар бораи камбудиҳои муҳими дар системаи назорати дохилӣ ошкоргардида ва ё талаботи ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ вобаста ба пешниҳод ва банд ба банд кушодани маълумотҳо тибқи асосҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ҳамчун талаботҳои шартан тахминӣ арзёбӣ мегардад.[3]

Дар баъзе мавридҳо, дар муносибат бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ талаботҳо метавонад ҳамчун шартан возеҳу равшан ва шартан тахминӣ ифода карда шаванд. Масалан, аудитор уҳдадор аст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ аз иҷрои минбаъдаи аудит даст кашад ва ё дигар амалҳоро иҷро намояд, агар чунин уҳдадориҳои ӯ ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта бошад.[4]

---

[1] СБА 610 «Истифодаи натиҷаи кори аудиторони дохилӣ»

[2] СБА 705 «Тағйир додани ақидаи аудиторӣ дар ҳисоботи (хулоса)-и аудитории мустақил» пар.13.

[3] СБА 265 «Хабардор кардани роҳбарият ва шахсони масъули ташкилот оид ба камбудиҳои ҷойдошта дар системаи назорати дохилӣ», параграфи 9.

[4] СБА 501 «Далелҳои аудиторӣ-баррасии махсуси моддаҳои муайян» параграфи 13

**Сарфи назар кардани талаботҳо (ниг. ба параграфи 23)**

A74. Бо СБА 230 муқаррар карда шудааст, ки дар ҳолатҳои истисноӣ, ки риояи талаботҳо қобили қабул нест, сарфи назар кардани онҳо мумкин буда, ин ҳолат бояд ба таври дахлдор ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад.[2]

**Ғайриимкон будани расидан ба мақсадҳо (ниг. ба параграфи 24)**

A75. Муайян намудани ҳолати расидан ба ҳадафҳо аз мулоҳизарониҳои касбии аудитор, ки дар натиҷаи иҷрои чорабиниҳои аудиторӣ бо мақсади арзёбии ҳолатҳои ҷамъоварии далелҳои кофӣ ва эътимоднок, андешидани дигар чораҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо ба даст меояд, вобастагӣ дошта, ҷой доштани ҳолатҳои зерин метавонад ба ғайриимкон гардидани иҷрои мақсадҳо мусоидат намояд:

– ҳолатҳое, ки барои иҷрои талаботҳои СБА ба аудитор мамоният менамоянд;

– ҳолатҳое, ки дар рафти он бо вуҷуди иҷрои чорабиниҳои иловагии аудиторӣ дар минбаъда ба даст овардани далелҳои аудиторӣ аз ҷониби аудитор амалан ғайриимкон мегардад.

A76. Ҳуҷҷатҳои аудиторӣ, ки ба талаботҳои СБА 230 ва дигар талаботҳои махсуси бо дигар СБА муқарраршуда ҷавобгӯ буда, далели мавҷуд будани асосҳои дахлдор ҷиҳати изҳори ақида оиди расидан ба мақсадҳо ба шумор меравад.

Бо вуҷуди он, ки ҳуҷҷатгузории ҳар як мақсад дар

алоҳидагӣ шарт нест, ҳуҷҷатгузорӣ намудани ҳолати ғайриимкон гардидани ноилшавӣ ба мақсадҳо, ба аудитор имкон медиҳад, ки таъсири ин ҳолатро ба имконияти нарасидан ба мақсадҳои умумӣ арзёбӣ намояд.

Международные Стандарты Высших
органов аудита (ISSAI) изданы Международной
организацией Высших органов аудита (INTOSAI).
Дополнительная информация
на сайте www.issai.org.

# РУКОВОДСТВО
# ПО ФИНАНСОВОМУ АУДИТУ

## ОБЩИЕ ЦЕЛИ НЕЗАВИСИМОГО
## АУДИТОРА И ПРОВЕДЕНИЕ АУДИТА
## В СООТВЕТСТВИЕ С МЕЖДУНАРОДНЫМИ
## СТАНДАРТАМИ АУДИТА

Данное Руководство по финансовому аудиту приближено к Международному стандарту аудита (МСА)200 «Общие цели независимого аудитора и проведение аудита в соответствие с международными стандартами аудита», разработанного Комитетом по международным стандартам аудита и гарантии достоверности информации (IAASB)и опубликованного Международной федерацией бухгалтеров (IFAC). МСА включен в Руководство с разрешения IFAC.

# СОДЕРЖАНИЕ

## Практические указания к МСА/(ISA)200

Общие положения ........................................................72

Введение в МСА ........................................................72

Содержание Практических указаний ........................73

Применимость МСА в аудите
государственного сектора ..........................................73

Дополнительное Руководство по вопросам,
касающимся государственного сектора ....................74

Область применения МСА ..........................................74

Аудит финансовой отчетности ..................................78

Общие цели аудитора ................................................79

Определения ..............................................................79

Этические требования, связанные с аудитом
финансовой отчетности ..............................................80

Проведение аудита в соответствие с МСА ................81

Достаточные и надлежащие аудиторские
доказательства и аудиторский риск .........................82

# ПРАКТИЧЕСКИЕ УКАЗАНИЯ[1] К МЕЖДУНАРДНОМУ СТАНДАРТУ АУДИТА МСА/(ISA)200

## Общие цели независимого аудитора и проведение аудита в соответствие с международными стандартами аудита

### Общие положения

Данные практические указания обеспечивают дополнительное руководство по МСА/(ISA)200 – «Общие цели независмого аудитора и проведение аудита в соответствие с международными стандартами аудита».

Практические указания должны применяться вместе с МСА. МСА/(ISA) 200 является применимым для аудита финансовой отчетности в период, начиная с 15 декабря 2009 года или позже. Практические указания вступают в силу с той же даты, что и МСА/(ISA).

### Введение в МСА

МСА 200 рассматривает общую ответственность независимого аудитора при проведении аудита финансовой отчетности в соответствие с МСА. В частности, стандарт излагает общие цели независимого аудитора и объясняет характер и охват аудита, разра-

[1] Все Практические указания применяются вместе с МСВОА/ISSAI 1000, «Общее введение в Руководство по финансовой отчетности.»

ботанного чтобы помочь независимому аудитору достигнуть эти цели.

Стандарт также поясняет область применения, полномочия и структуру МСА, и включает требования устанавливающие общую ответственность (обязательства) независимого аудитора, применимую ко всем аудитам, включая обязательство по обеспечению соответствия с МСА. В дальнейшем, независимый аудитор именуется «аудитор».

## Содержание Практических указаний

П1.Практические указания обеспечивают дополнительное руководство для аудиторов государственного сектора относящееся к следующим аспектам:

(а) Область применения МСА

(б) Аудит финансовой отчетности

(в) Общие цели аудитора

(г) Определения

(д) Этические требования, связанные с аудитом финансовой отчетности

(е) Проведение аудита в соответствие с МСА.

(ж) Достаточные и надлежащие аудиторские доказательства и аудиторский риск.

## Применимость МСА в аудите государственного сектора

П2. МСА 200 может применяться аудиторами организаций государственного сектора в роли аудиторов финансовой отчетности

## Дополнительное Руководство по вопросам, касающимся государственного сектора

П3.МСА 200 содержит руководство по применению и другой поясняющий материал, включающие специфические аспекты, относящиеся к государственному сектору в параграфах А11 и А57 МСА.

## Область применения МСА

П4. Международны стандарты аудита (МСА) разработаны в контексте аудита финансовой отчетности. В контексте INTOSAI аудит финансовой отчетности[1] может быть частью более широкого аудита соответствия (финансовый аудит).

---

[1] МСА200 параграфА1: Аудиторское мнение отностительно финансовой отчетности касается вопроса о том подготовлена ли финансовая отчетность, во всех существенных аспектах, в соответствие с применимой основой представления финансовой отчетности. Такое мнении еявляется общим для все аудитов финансовой отчетности. Аудиторское мнение, поэтому, негарантирует, например, ни будущую жизнеспособность организации, ни эффективност или результативность ведения руководством организации дел организации. В некоторых юрисдикциях, однако, применимое законодательство или нормативные акты могут требовать, чтобы аудиторы предоставили мнение по другим вопросам, таким как эффективность системы внутреннего контроля или совместимость отдельного отчета руководства организации и финансовой отчетности. Хотя МСА содержат требования и руководство в отношении таких вопросов, если они связаны с формулированием мнения относительно финансовой отчетности, аудитор был бы обязан выполнить дальнейшую работу, если бы на аудитора были наложены дополнительные обязанности по предоставлению мнения по указанным вопросам.

В соответствие с МСВАО 100[1] параграф 39 аудит регулярности/ соответствия (финансовый аудит) охватывает:

(а) Подтверждение (достоверности) финансовой подотчетности подотчетных организаций, включая проверку и оценку финансовых записей и выражение мнения по финансовой отчетности;

(б) Подтверждение финансовой подотчетности государственного управления (администрации) в целом;

(в) Аудит финансовых систем и транзакций, включая оценку соблюдения требований законодательства и нормативных актов;

(г) Аудит системы внутреннего контроля и службы внутреннегоаудита;

(д) Аудит честности и правомочности административных решений, принятых аудируемой организацией; и

(е) Информирование о других вопросах, возникающих или относящихся к аудиту, которые Высший орган аудита считает необходимым раскрыть.

П5. Термины «аудит регулярности (соотвествия)» и «финансовый аудит» часто являются взаимозаменяемыми. Такого рода аудиты состоят из аудита финансовой отчетности, плюс некоторые или все аудиты изложенные в пунктах от а) до е) выше, взависимости от мандата Высшего органа аудита.

Практические указания к Руководству по финансовому аудиту INTOSAI (МСВОА 1000 – 2999) обеспе-

---

[1] МСВОА/(ISSAI) 100, «Стандарты аудита INTOSAI– основные принципы.

чивают дополнительное руководство для аудиторов государственного сектора при применении МСА в аудите финансовой отчетности.

При проведении более широкого аудита «регулярности (соотвествия)» или «финансового» аудита, более расширенные руководства могут быть найдены в структуре ISSAI, которая включает, например, Руководство по аудиту соответствия INTOSAI (ISSAI4000[1]and4200[2]).

П6.Аудит регулярности (финансовый аудит) проводится в различных средах. В среде финансовой отчетности, переходящей к международно – признанной практике,полное применение системы ISSAIs1000-2999 аудиторами государственного сектора поможет в обеспечении дополнительной структуры для преобразования среды, в которой проводится аудит, к этой международно-признанной практике.

П7. В государственном секторе, ссылка на соответствующие стандарты аудита может быть сделана одним из следущих способов, в зависимости от применяемых стандартов:

(а) *В соответствие с МСА;*что означает полное соблюдение всех соответствующих МСА и если уместно, дополнительныхруководств, изложенных в Практических указаниях к МСА INTOSAI;

(б) *В соответствие с фундаментальными прицинами аудита, но не в полном соответсвие с МСА, яв-*

[1] МСВОА/ISSAI 4000, «Общее введение вР уководство по аудиту соответствия»

[2] МСВОА/ISSAI 4200, «Руководство по аудиту соответствия, связанного с аудитом финансовой отчетности»

*ляющимся частью Руководства по финансовому аудиту INTOSAI (ISSAIs 1000-2999)*; или

(в*) В соответствие с другими национальными и соответствующими стандартами аудита.*

П8.В контексте государственного сектора в Практических указаниях применяется термин «аудиторы государственного сектора» как эквивалент «аудитор», применяемый в МСА.

П9.Некотрые МСА содержат аспекты, являющиеся специфическими для аудита малых организаций. В аудите организаций государственного сектора и организаций, получающих государственные средства, эти аспекты обычно не применимы, даже если организация государственного сектора имеет небольшое количество сотрудников, простую деятельность или относительно малый бюджет.

В таких случаях организации государственного сектора могут иметь сложные транзакции, такие как трансферты от правительств других государств, а также необходимость соблюдать законодательство и нормативные акты, стратегии и системы, установленные высшими уровнями власти и необходимость в подотчетности использования денег налогоплательщиков. Поэтому аудиторы государственного сектора тщательно изучают уместность таких аспектов. Практические указания могут включать дополнительное руководство в этих областях, когда добавление руководства, связанное с аудитом малых организаций государственного сектора признается важным.

**Аудит финансовой отчетности**

П10. Учитывая параграф 6 МСА, аудиторы государственного сектора рассмартивают применение дальнейших руководств, включенных в Практические указания к МСА 320[1].

П11. Параграф А7 МСА один из многих параграфов, которые рассматривают основы достоверного представления. Международные стандарты бухгалтерского учета в государственном секторе (МСБУГС), изданные комитетом стандартов бухгалтерского учета в государственном секторе, являются примером основы достоверного представления, разработанного для государственного сектора.

П12. Параграф 8 МСА представляет примеры финансовых отчетов и содержание полного комплекта финансовой отчетности. Полный комплект финансовой отчетности для организаций государственного сектора подготавливается по методу начисления бухгалтерского учета и обычно может включать следующие отчеты:

- Отчет о финансовом положении;
- Отчет о финансовом исполнении;
- Отчет об изменениях капитала;
- Отчет о движении денежных средств;
- Сравнительная информация бюджета и фактических объемов, представленная либо как отдельный дополнительный финансовый отчет, либо как сверка; и

---

[1] МСА/ISA320, «Существенность при планировании и выполнении аудита

• Пояснительная записка, содержащая обобщенную информацию о значительных моментах учетной политики и другую поясняющую информацию;

П13. В некоторых случаях полный комплект финансовой отчетности может также включать и другие отчеты, такие как отчет об исполнении деятельности и отчет об ассигнованиях.

П14. Учитывая параграф А10 МСА, аудиторы государственного сектора рассматривают применение дальнейших руководств, включенных в Практические указания к МСА210[1] и МСА 580[2].

## Общие цели аудитора

П15. Выход аудитора из Соглашения, как описано в параграфах 12 и 24 МСА, обычно не возможно для аудитора государственного сектора. При возникновении обстоятельств, ведущих к выходу из Соглашения (пекращение проведения аудита), аудиторы государственного сектора имеют обязательства, которые могут включать расширенное или уточненное информирование, например законодательным органам.

## Определения

П16. Учитывая определения в параграфе 13 МСА аудитор государственного сектора принимает к сведению следующее:

---

[1] МСА/ISA210, «Согласование условий аудиторского соглашения.»

[2] МСА/ISA580, «Письмо-представление.»

(а) Применимая основа финансовой отчетности – как и в случае с частны мсектором, основы в государственном секторе может быть либо достоверное представление или требования соответствия нормативно правовым актам; и

(б) Аудитор – термины «партнер по Соглашению» и «фирма». Термин «партнер по Соглашению» может, например, относиться к Генеральному аудитору, который наделен общими обязательствами по отношению к аудитам государственного сектора, или другое достаточно квалифицированное лицо, делегированное или назначенное от его/ ее имени, наделенный ответственностью за специальное Соглашение.

Термин «фирма» обычно понимается как Высший орган аудита или его эквивалент на региональном или местном уровнях.

## Этические требования, относящиеся к аудиту финансовой отчетности

П17. Кодекс этики INTOSAI[1] является уместным этическим кодексом, в соответствие с параграфом 14 МСА.

**Далелҳои беруна** – далелҳои аудиторӣ, ки аз ҷониби тарафи сеюм дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ пешниҳод карда шудааст.

**Захираи тиллои давлат** – захирае, ки аз собиқаи тиллои холиси моликияти давлатӣ иборат буда, ҷузъи захираи тиллою асъори давлатро ташкил дода, барои

амалӣ сохтани сиёсати молиявӣ ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти фаврии давлат дар ҳолатҳои фавқулодда таъин гардидааст.

**Истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо** – истифодабарии маблағҳои низоми буҷетӣ ва пардохти уҳдадориҳои молиявӣ баҳри ҳадафҳое, ки пурра ё қисман хилофи қонун дар бораи буҷет, рӯйхати буҷетӣ, харҷномаи буҷетӣ, шартнома (созишнома) ё дигар санади ҳуқуқии пешкаши маблағҳои зикршуда мебошад.

**Идоракунии сифати чорабиниҳои назоратӣ** – дар доираи назорати пешакӣ, ҷорӣ ва минбаъда бо дарназардошти талаботи стандартҳои дахлдор идора намудани сифати татбиқи чорабиниҳои назоратӣ, ки вазифаи он аз таъмини иҷрои қоидаҳо ва талаботҳои муқарраргардида дар самти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба баланд бардоштани сифати чорабиниҳои назоратӣ иборат мебошад.

**Интихоби (ҷудо кардан) аудиторӣ** – гузаронидани санҷиш бо дарназардошти талабот ва қоидаҳои фаъолияти аудиторӣ бо усули санҷиши интихобии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар шакли маҳдуд санҷиши номгӯи ҷудо карда гирифтаи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои мавриди санҷиш қарор дода шуда, ки дар аснои он вобаста ба тамоми маҷмӯи ҳуҷҷатҳо хулоса бароварда мешавад.

**Интихоби оморӣ** – ҳама гуна усулҳои интихоб, ки дорои аломатҳои интихоби ногаҳонии қисматҳои

алоҳида ва истифодаи назарияи эҳтимолиятро ҷиҳати арзёбии натиҷаҳои он мебошад.

**Иҷрои такрорӣ** – мустақилона аз ҷониби аудитор ба иҷро расонидани чорабиниҳои назоратӣ, ки қаблан дар доираи системаи назорати дохилӣ ба иҷро расонида шудааст.

**Идоракунии оперативӣ** – ҳуқуқи маҳдуди молии корхонаи давлатӣ нисбати амволе, ки аз молик мутобиқи мақсадҳои фаъолияти худ, супоришҳои молик ва таъиноти амвол гирифтааст ва дорои ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ин амволро дорад.

**Кодекси одоби касбии аудиторон** – маҷмӯи қоидаҳои одоби фаъолияти касбии аудиторон, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ гардида, риояи онҳо барои аудиторон, аудиторони инфиродӣ, ташкилотҳои аудиторӣ ва ташкилотҳои касбии аудиторон ҳатмӣ мебошад.

**Камбудиҳои сохтори назорати дохилӣ** – ба роҳ мондани фаъолияти воситаҳои назорат, ки қобилияти сари вақт ошкор ва ё бартараф намудани таҳрифгариҳои ҷиддиро дар ҳисоботи молиявӣ надошта ва ё ин ки чунин воситаи назорат умуман ҷорӣ карда нашудааст.

**Камбудиҳои ҷиддии сохтори назорати дохилӣ** – камбудиҳое, ки тибқи мулоҳизаронии касбии аудитор ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, диққати шахсони дорои вако-

латҳои роҳбарии субъекти санҷишӣ бояд ба он ҷалб карда шавад.

**Коршинос (эксперт)** – шахси воқеӣ ё ташкилот, ки дар соҳаи муайяни фаъолият дорои дониш ва таҷрибаи касбӣ буда, натиҷаи кори он аз ҷониби аудитор ҳамчун воситаҳои кӯмакрасон ҷиҳати ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ истифода карда мешавад. Коршинос метавонад дар ҳайати гурӯҳи корӣ фаъолият дошта бошад (коршиноси дохилӣ) ва ё ҳамчун коршиноси берунӣ ба рафти аудит ҷалб карда шавад.

**Корхонаи давлатӣ** – дар шакли корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ва корхонаи давлатӣ бо ҳуқуқи идораи оперативӣ таъсис дода шуда, молу мулки он тақсимнашаванда буда, вобаста ба намудҳои моликияти давлатӣ ба корхонаҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ тақсим мешаванд.

**Корхонаи воҳиди давлатӣ** – ташкилоти тиҷоратие, ки ҳуқуқи ба амволи вобастакардаи молик соҳиб шуданро надорад.

**Корхонаи фаръии давлатӣ** – шахси ҳуқуқие, ки дар назди дигар корхонаи давлатӣ аз ҳисоби қисми моликияти он таъсис дода мешавад.

**Кафолати давлатӣ** – уҳдадориҳо дар назди қарздиҳанда вобаста ба пурра ё қисман пардохт намудани қарз дар ҳолати аз ҷониби қарзгиранда пардохт

нагардидани маблағи қарз дар муҳлати муайяншуда ҳисобида мешавад.

**Қонунгузорӣ** – санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар маҷмӯъ ё дар соҳаи муайян ба танзим медарорад.

**Қарорҳои эътиноӣ** – ҳуҷҷатҳои бо тартиби муқарраршуда ба тасвиб расидаи мақоми олии назорати молиявӣ, ки иҷрои талаботҳои мушаххаси ба натиҷаи чорабиниҳои назоратӣ асосёфтаро ифода намуда, ҷиҳати иҷро ба объекти санҷишӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ирсол карда мешавад.

**Қоғази қиматнок** – ҳуҷҷате, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи молу мулкиро тасдиқ намуда, татбиқ ё гузашт кардани он танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир буда, ба чунин қоғазҳои қиматнок вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент, саҳмия ва ҳуҷҷатҳои дигар мансуб буда, онҳо манзурӣ, ордерӣ ва номӣ шуда метавонанд.

**Қарзи давлатӣ** – маблағи гирифташудаи пули қарзи давлатӣ, ки дар муҳлати муқарраргардида бозпардохт карда нашудааст.

**Қарзи аз ҷониби давлат кафолат дода шуда** – маблағи дар муҳлати муайян гирифта шуда ва бозпардохт нагардидаи пули қарзи ғайридавлатӣ, ки нисбати он кафолати давлатӣ мавҷуд аст.

**Қисматҳои алоҳида** – субъект ва ё намуди алоҳидаи фаъолияти хоҷагидорӣ, ки нисбати он роҳбари гурӯҳ ва ё роҳбари қисмати алоҳида ҷиҳати дохил намудан ба ҳисоботи молиявӣ маълумотҳои дахлдори молиявиро омода месозад.

**Маблағҳои ғайрибуҷетӣ** – маблағҳои пулии давлатӣ, ки ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дохил карда нашуда, бо таъиноти мақсадноки муайян истифода шуда, инчунин маблағҳое, ки дар ихтиёри мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо қарор дошта, аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудо нагардида, аз дигар сарчашмаҳо ташаккул ёфтаанд.

**Маблағҳои махсус** – маблағҳое, ки мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ба ғайр аз маблағи аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудошаванда гирифта,он даромади чунин мақомоту ташкилотҳо ба ҳисоб рафта, аз ҳисоби фурӯши маҳсулот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё амалӣ намудани фаъолияти дигар ба даст меоянд.

**Маълумоти хаттӣ** – маълумоте, ки аз ҷониби роҳбарияти субъекти санҷишӣ ҷиҳати тасдиқи масъалаҳои мушаххас ва ё дигар далелҳои аудиторӣ ба аудитор пешниҳод карда шуда, он маълумотҳои ҳисоботҳои молиявӣ ва дигар нишондиҳандаҳои баҳисобгириро дар бар гирифтааст.

**Мақоми олии назорати молиявӣ** – ташкилоти давлатӣ, ки тибқи қонунгузорӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худ-

ро дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ ба роҳ монда, то айни ҳол дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон бо сохтори (модел) гуногун фаъолият намуда, фаъолияти иқтисодии давлат, махсусан истифодаи буҷети давлатӣ ва моликияти давлатиро мавриди назорат қарор дода, аз натиҷаи он ба мақоми қонунгузор, иҷроия ва аҳли ҷомеа хулоса пешниҳод менамоянд.

**Мақоми қонунгузор** – мақоми ваколатдори давлатии кишвар, ки фаъолияти он аз қабули санадҳои қонунгузорӣ иборат мебошад.

**Мақоми идоракунии давлатӣ** – мақоми давлатие, ки вазифаҳои умумии идоракуниро тибқи принсипҳои идоракунии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ менамояд.

**Мақсади аудит** – ба таври дақиқ муайян намудани мақсад ва мавзӯи аудит, ки дар рафти санҷиши аудиторӣ ба он ҷавоби мушаххас ба даст оварда шавад.

**Маълумоти саҳеҳ** – маълумоте, ки ба натиҷаи аудит ҷавобгӯ буда, ҳаҷми кофии нишондиҳандаҳои объективиро дар бар гирифта, нисбати кофӣ ва эътимоднокии онҳо шубҳа мавҷуд нест.

**Маълумоти қобили қабул** – маълумоте, ки харҷи ҷамъоварии он ба натиҷаи ба даст овардаи аудитор ва ё мақоми олии назорати молиявӣ мутобиқат менамояд.

**Меъёрҳои татбиқшаванда** – меъёрҳое, ки аз ҷониби роҳбарияти субъект зимни омода намудани ҳисоботи молиявии ҷамбастӣ ба роҳбарӣ гирифта мешавад.

**Мустақилият** – амалҳои мустақили мақоми олии назорати молиявӣ тибқи ваколатҳои мавҷуда дар доираи мавзӯи ба аудит дахл дошта бидуни дахолат ва идоракунии берунӣ, ки яке аз принсипҳои асосии фаъолияти он ба ҳисоб меравад.

**Маълумоти муқоисавӣ** – ҳаҷм ва маълумотҳое, ки нисбат ба як ё якчанд давраҳои қаблии молиявӣ тибқи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ба ин ҳисобот дохил карда шудааст.

**Маълумотҳои иловагӣ** – иттилооте, ки дар якҷоягӣ бо ҳисоботи молиявӣ дар шакли ҷадвалҳои иловагӣ ва ё замимаҳои иловагӣ пешниҳод гардида, одатан чунин маълумотҳо зимни пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ истифода карда намешаванд.

**Маълумот оид ба мавзӯи омӯзиш** – натиҷаи арзёбӣ ва санҷиши мавзӯи омӯзиш, ки муҳосиби таҷрибадори касбӣ бо мақсади таъмини асосҳои оқилона барои изҳори хулоса дар ҳисобот далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиториро ҷамъоварӣ менамояд.

**Маълумоти молиявииояндабинӣ** – маълумоти молиявие, ки нисбат ба рӯйдодҳои дар минбаъда ба миён меомада ва амалҳои эҳтимолии субъект асос

ёфта, он дар шакли пешгӯӣ, арзёбии ояндабинӣ ва ё дар ҳамбастагӣ пешниҳод шуда метавонад.

**Маълумоти ихтилофнок** – маълумоте, ки ба маълумоти дар ҳисоботи молиявии мавриди аудит қароргирифта мавҷудбуда мухолифат дошта, он боиси пешниҳод гардидани хулосаи аудиторcии нодуруст гардидааст.

**Маҷмӯи маълумот** – дастаи пурраи нишондодҳо, ки аз он маълумотҳои алоҳида интихоб карда гирифта шуда, нисбати он хулосаи аудиторӣ дода мешавад.

**Маълумоти оморӣ** – маълумоти ҷамъоварӣ ва коркардшуда, ки тавсифҳои зуҳуроти ба амаломадаро дар маҷмӯи дахлдор нишон медиҳад.

**Меъёр (критерия)** – нишондиҳандаҳои меъёрии муқаррагардида, ки ҷиҳати арзёбӣ, санҷиши мавзӯи омӯзиш, пешниҳод ва муайян намудани маълумот истифода бурда шуда, барои ҳамон як мавзӯи омӯзиш меъёрҳои гуногун ҷой дошта метавонад. Ҷиҳати арзёбӣ ва санҷиши муттасил ва дахлдори мавзӯи омӯзиш дар доираи ақидаронии касбӣ дастрасии меъёрҳои қабили қабул зарур буда, он бояд дорои хусусиятҳои зерин бошад:

– бо маврид будан, ки ҷиҳати қабули қарор мусоидат намояд;

– ҳаматарафа ва пурра будан, ки омилҳои дахлдорро дар бар гирифта бошад;

– боварибахш будан, ки дар ҳама зинаҳо барои арзёбии якхела имконият фароҳам созад;

– бевосита будан, ки барои пешниҳоди хулосаи холисона ва беғараз мусоидат карда тавонад;

– фаҳмо будан, ки ҷиҳати ба даст овардани хулосаи равшану оммафаҳм мусоидат намуда, маънидодкуниҳои гуногунро барҳам зада тавонад.

**Мушоҳидаи аудиторӣ –** мушоҳидаи пайдарҳамии амалиётҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои молиявӣ (ба монанди ҳисоб-фактураҳо ва қайдҳо дар китоби муҳосибӣ) бо мақсади санҷиши дурустии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар натиҷаи интихобан аз назар гузаронидани ҳуҷҷатҳои аввалия аз ҷониби аудитор вобаста ба пуррагӣ ва бонизомии пешбурди баҳисобгирӣ тасаввуроти дахлдор ба даст оварда мешавад.

**Мулоҳизаронии касбӣ –** дар доираи талаботҳои стандартҳои аудит, баҳисобгирии муҳосибӣ ва рафтори ахлоқӣ (этикӣ) аз ҷониби аудитор татбиқ намудани дониш ва малакаи касбӣ ҳангоми қабули қарор вобаста ба ҳолатҳои воқеӣ ба ҳисоб меравад.

**Махфият –** яке аз принсипҳои фаъолияти мақоми олии назорати молиявӣ ба ҳисоб рафта, талаботи аз ҷониби кормандони мақоми олии назорати молиявӣ фош насохтани маълумотҳои дар рафти чорабиниҳои аудиторӣ ба даст омадаро, ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, ифода менамояд.

**Масъалаи экологӣ –** ташаббуси пешгирифта, ки ба бартараф, кам ва ё ислоҳ намудани зарари ба муҳити атроф расонидашуда ва ё ҳифзи захираҳои барқароршаванда ва барқарорнашаванда равона карда

шуда,он тибқи талаботи қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, шартҳои созишномаҳо ва ё ба таври ихтиёрӣ татбиқ гардида, дар рафти он оқибатҳои риоя нагардидани меъёрҳои амалкунанда, оқибатҳои зарар ва ҷавобгариҳо муайян карда мешавад.

**Муҳити назоратӣ** – ваколатҳои роҳбарӣ ва идоракунии роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ, инчунин мавқеъ ва воқифии онҳоро нисбати системаи назорати дохилӣ ва аҳамияти он ифода намуда, ҳамчун қисмати асосии системаи назорати дохилӣ ба ҳисоб меравад.

**Мушоҳидакорӣ** – арзёбии сифати корҳои иҷрогардида ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи тарафҳои дигарро дар бар мегирад.

**Миқёси мушоҳида** – чорабиниҳои мушоҳидавӣ, ки барои расидан ба ҳадафҳо дар шароити ҷойдошта зарур мебошад.

**Муассисаи давлатӣ** – ташкилоте, ки молик ҷиҳати амалӣ гардонидани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари хусусияти ғайриtиҷоратӣ дошта таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ менамояд.

**Манфиати шахсӣ** – фоидаи моддӣ ё фоидаи дигаре, ки бевосита ё бавосита барои худ ё барои шахсони сеюм дар натиҷаи иҷро намудани уҳдадориҳои мансабии худ кӯшиши гирифтан мекунад ё мегирад.

**Назорат –** ҷузъи муҳими гузаронидани аудит, аз қабили роҳбарӣ, идоракунӣ ва назорати дахлдор дар ҳамаи зинаҳои санҷиши аудиторӣ, ки алоқаи ҳаматарафа ва самараноки байниҳамдигарии намудҳои корҳои иҷро мегардида, чорабиниҳои санҷишӣ ва расидан ба мақсадҳои дар назар дошта шударо таъмин менамояд.

**Назорати дохилӣ –** тамоми низоми назорати молиявӣ ва воситаҳои дигари назорат дар ташкилоти бахши давлатӣ бо дарназардошти сохтори ташкилӣ, усулҳо, тартиб ва аудити дохилӣ, ки аз тарафи роҳбарият бо мақсади мусоидат ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахш, инчунин барои ноил гардидан ба мақсадҳо созмон дода шудаанд.

Ташкил намудани низоми назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ уҳдадории роҳбари он буда, барои анҷом додани идоракунии молиявӣ дар ҳамаи сохторҳо, барномаҳо, намуди фаъолият ва амалиёт, роҳбарии онҳо мувофиқи принсипи қонуният, идоракунии устувори молиявӣ ва шаффофият равона карда мешавад.

**Назорати сифат –** ҷараёни таъмин намудани мутобиқати тамоми давраҳои санҷиши аудиторӣ (банақшагирӣ, гузаронидани аудит, пешниҳоди ҳисобот ва дигар чорабиниҳои минбаъда) ба қоидаҳо, амалия ва чорабиниҳои аз ҷониби мақоми олии назорати молиявӣ қабулгардида, инчунин ба расимиятдарории саривақтӣ, ҳаматарафа ва дахлдори ҳуҷҷатҳои санҷиши аудиторӣ, татбиқ ва таҳлили он аз ҷониби ҳайати кормандони касбӣ мебошад.

**Нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ –** ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳои ба қайд гирифта шуда ва тасдиқгардидаи муҳосибии аввалия, аз ҷумлаи супоришномаҳои пардохтӣ, иқтибосҳо оиди ба таври электронӣ гузаронидани воситаҳои пулӣ, ҳисобҳо, қарордодҳо, китоби асосӣ, китобҳои бақайдгирии таҳлилҳо, амалиётҳои молиявӣ, ислоҳҳои ба ҳисоботҳои молиявӣ ворид кардашуда, инчунин ҳисобҳои корӣ ва феҳристҳои ҷамбастӣ, ки тақсими хароҷотҳо, муқоисаҳо ва дигар маълумотҳоро тасдиқ менамояд.

**Намуди далелҳои аудиторӣ –** далелҳои аудиторӣ метавонанд дар дар шаклҳои зерин ба даст оварда шуда бошанд:

– далелҳои ҳуҷҷатӣ, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ ба даст оварда шуда, он аз ҷониби роҳбарияти субъекти санҷишӣ, ташкилотҳои болоии он ва дигар ташкилотҳо пешниҳод гардида, бевосита ба мавзӯи санҷиш муносибат доранд;

– далелҳои моддӣ, ки зимни санҷиши бевоситаи ин ё он ҷараёнҳо ва ё мушоҳидаи ҳолатҳои воқеӣ ба даст оварда шуда, онҳо дар шакли санад, протокол, гузоришҳо ба расмият даровarda шуда, инчунин дар шакли сурат, ҷадвал ва дигар инъикоскуниҳо низ пешниҳод шуда метавонанд.

– далелҳои таҳлилӣ, ки дар натиҷаи таҳлили нишондиҳанда ва маълумотҳои воқеӣ вобаста ба мавзӯъ ва фаъолияти объекти санҷишӣ ва ё дигар сарчашмаҳо ба даст оварда мешаванд.

**Номуайянӣ** – ҳолате, ки оқибати он аз амал ва рӯйдодҳои минбаъдаи таҳти назорати субъекти санҷишӣ қарорнадошта вобаста буда, метавонад ба ҳисоботи молиявӣ таъсир дошта бошад.

**Объекти чорабиниҳои назоратӣ** – тамоми ташкилоту идораҳо, ки бинобар истифода намудани воситаҳои давлатӣ аз ҷониби онҳо нисбати онҳо чорабиниҳои назоратӣ татбиқ карда мешавад.

**Омӯзиш (мониторинг)** – низоми муосири омӯзиши (мониторинг) идоракунии молиявӣ ва назорат, ки арзёбии муносибии фаъолияти ташкилот ва дар ҳолати тағйир ёфтани шароит азнавсозии низоми идоракуниро таъмин менамояд.

**Омӯзиши (мониторинг) воситаҳои назорат** – раванди арзёбии самаранокии фаъолияти системаи назорати дохилӣ дар ҷараёни давраи муайян ба ҳисоб рафта, он ба арзёбии ташкили фаъолият, амалӣ намудани чорабиниҳои дахлдор равона карда шудааст.

**Ошкорбаёнӣ** – яке аз принсипҳои фаъолияти мақоми олии назорати молиявӣ ба ҳисоб рафта, он дар ошкоро ба амал баровардани фаъолият бо роҳи ба нашр расонидани натиҷаҳои назорати давлатии молиявӣ ва дигар маълумотҳо дар бораи фаъолият тавассути воситаҳои ахбори омма, сомонаи расмӣ, инчунин ташкил ва гузаронидани конфронсу брифингҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ ифода меёбад.

**Омилҳои хавфи сохтакорӣ –** ҳолат ва шароитҳои ба ҷой доштани омилҳои моддӣ ва фишороварӣ далолаткунанда, ки ба содир намудани амалҳои сохтакорӣ ва ё фароҳам овардани имконияти содир намудани он водор менамояд.

**Пешниҳоди мақоми олии назорати молиявӣ –** ба мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ҷиҳати андешидани чораҳо оиди рафъи ҳолатҳои ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти истифодаи ғайримақсаднок, бе самар ва бе сарфаи воситаҳо ва моликияти давлатӣ мусоидаткунанда, инчунин ба роҳ мондани фаъолият тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда мешавад.

**Параграфи эзоҳдиҳанда –** яке аз параграфҳои ҳисоботи (хулосаи) аудиторӣ, ки масъалаи дахлдори пешниҳод ва маълумотҳои кушода дода шударо дар ҳисоботи молиявӣ дар бар гирифта, бо ақидаи аудитор барои дарки истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ бунёдӣ мебошад.

**Принсипҳои бунёдии одоби касбии аудиторӣ –** принсипҳои мазкур бо Кодекси одоби муҳосибони касбии Федератсияи байналмилалии муҳосибон муқаррар карда шуда, он ба поквиҷдонӣ, беғаразӣ, салоҳиятнокӣ, дақиқкорӣ, риояи махфият ва рафтори касбӣ асос ёфтааст.

**Пули қарзи давлатӣ –** қарзе, ки аз ҷониби давлат ва ҳукумат гирифта шудааст.

**Пули қарзи аз ҷониби давлат кафолат додашуда** – пули қарзи ғайридавлатие, ки барои он кафолати давлатӣ дода шудааст.

**Пешбурди хоҷагидорӣ** – ҳуқуқи маҳдуди молии корхона, ки аз давлат ҳамчун молик амволро гирифта, ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани онро дорад.

**Пардохт** – пардохти ҳатмие, ки барои иҷозат оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ва ё дигар захираҳои мавҷуда ситонида мешавад.

**Риоя накардан** – амал ва беамалии қасдона ва ё бе қасди ташкилот, ки ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат дошта,он амалиётҳои аз ҷониби ташкилот, ё ба фоидаи ӯ ва ё аз номи ӯ аз тарафи шахсони ваколатдор амалӣ шударо дар бар мегирад.

**Рӯйдодҳои минбаъда** – рӯйдодҳое, ки дар давраи байни санаи ҳисоботи молиявӣ, санаи ҳисоботи (хулоса) аудиторӣ ва ҳолатҳои баъди санаи ҳисоботи (хулоса) молиявӣ маълум гардида ба миён омадааст.

**Роҳбари гурӯҳ** – шахсе, ки барои омода ва пешниҳод намудани ҳисоботи гурӯҳи молиявӣ масъул мебошад.

**Сохтакорӣ** – аз ҷониби шахси мансабдор, хизматчиёни давлатии мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба асноди расмӣ дидаю

дониста дохил намудани тафсилотҳои бардурӯғ, инчунин ворид намудани ислоҳоте, ки мазмуни асосии онро таҳриф мекунад ва он бо мақсади ғаразнок ва ё дигар манфиатдории шахсӣ содир карда шудааст.

**Соҳибкории ғайриқонунӣ** – татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ё бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозат (литсензия) ҳатмӣ мебошад ё бо вайрон намудани шартҳои литсензиякунонӣ, инчунин машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ.

**Сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ** – аз ҷониби шахси мансабдор истифода намудани ваколатҳои хизматӣ бар хилофи манфиатҳои хизматӣ, ки бо ғараз ё манфиати шахсӣ содир шуда, манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъиятӣ, давлат ва ташкилотҳоро поймол менамояд.

**Сохтҳои (моделҳои) амалкунандаи мақоми олии назорати молиявӣ** – сохтҳои (моделҳои) маъмули дар таҷрибаи байналмилалӣ амалкунанда, ки вобаста аз системаҳои сиёсӣ ва маъмурии давлатҳо таъсис дода шуда, асосан сохтҳои (моделҳои) зерини он амал менамояд:

– сохти (модели) машваратӣ (коллегиалӣ), ки аз ҷониби Парламент аз ҳисоби аудиторони баландрутба таъин гардида, он дорои мустақилияти нисбатан зиёд буда, аз натиҷаи фаъолияти худ ба Парламент ҳисобот пешниҳод менамояд;

– сохте (моделе), ки ба яккасардорӣ асос ёфта, танҳо тобеи Президент мебошад;

– сохти (модели) судӣ, ки аъзои роҳбарикунандаи он дорои маълумоти касбӣ ва статуси судя буда, зимни фаъолияти худ метавонанд нисбати шахсони гунаҳкор вобаста ба зарари молиявии ба давлат расонидашуда ҳукм бароранд.

**Санади меъёрии ҳуқуқӣ –** ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршуда, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақоми давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дошта, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад.

**Сармоя –** ҳиссаи дороиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки пас аз тарҳ кардани маблағи ҳамаи уҳдадориҳо боқӣ мондааст.

**Субъект ва ё фаъолияти санҷидашаванда –** шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии он ва ё соҳаи фаъолият, ки аз ҷониби мақоми олии назорати молиявӣ мавриди аудит қарор дода мешаванд.

**Субъктҳои дорои манфиати умум –** ташкилотҳои дорои аҳамияти ҷамъиятӣ, ки дараҷаи аҳамиятнокии онҳо аз ҷониби ҳукумат муқаррар карда мешавад.

**Субъекти истифодабаранда –** субъекте, ки ҳисоботи молиявии он мавриди аудит қарор дода шуда, дар ин мавзӯъ аз кӯмаки ташкилоти хизматрасон истифода менамояд.

**Стандартҳои аудит** – ҳуҷҷати тибқи тартиби муқаррааргардида таҳия ва тасдиқшуда, ки хусусият, қоида ва тартиби банақшагирӣ, ташкил ва татбиқи намудҳои гуногуни фаъолияти мақоми олии назорати молиявӣ ва талаботҳо вобаста ба натиҷагирии онро муқаррар менамояд.

**Стандартҳои миллии аудит** – стандартҳое, ки барои истифода аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ карда шудааст.

**Стандартҳои байналмилалии аудит** – стандартҳое, ки Федератсияи байналмилалии муҳосибон ба нашр расонида, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ барои истифода тасдиқ гардида, барои муайян намудани ҳаҷми чорабиниҳо ва корҳои аудиторӣ имконият фароҳам оварда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои аудит зарур ва меъёрҳои он асосҳои арзёбии сифати натиҷаҳои аудитро ташкил медиҳад.

**Сирри аудиторӣ** – маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби аудитор зимни фаъолият ба даст оварда шуда, ҳуқуқи ба шахси сеюм додани он ва ё бе розигии хаттии субъекти санҷидашаванда фош намудани онро, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ надорад.

**Сирри муҳосибӣ** – иттилооти дорои сирри тиҷоратие, ки дар ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва феҳристи бақайдгирии муҳосибӣ дарҷ гардидааст.

**Сарфанокӣ** – кам намудани хароҷоти захираҳо, ки барои ба амал баровардани фаъолият истифода бурда мешавад.

**Самаранокӣ** – дараҷаи расидан ба ҳадафҳо ва муносибати байни оқибатҳои воқеӣ ва дар назар дошта шудаи фаъолиятро дар бар мегирад.

**Созишнома оид ба иҷрои чорабиниҳои ба мувофиқа расида** – тибқи созишномаи мазкур аудитор ҷиҳати иҷрои чорабиниҳои мушаххаси аудиторӣ, ки байни аудитор, субъект ва дигар тарафи дахлдор ба мувофиқа расонида шудааст, ҷалб гардида вобаста ба хулосаҳои воқеии худ ҳисобот пешниҳод намуда, дар асоси он аз ҷониби истифодабарандагони ин ҳисобот хулоса изҳор карда мешавад.

**Созишнома оид ба ҷамъ овардани маълумот** – тибқи созишномаи мазкур ҷиҳати ҷамъ овардан, гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасти маълумотҳои молиявӣ аз дониш ва малакаи касбии баҳисобгирии муҳосибӣ истифода карда мешавад.

**Созишнома оид ба изҳори боварӣ** – тибқи созишномаи мазкур муҳосиби касбӣ ҷиҳати баланд гардидани бовари истифодабарандагони дахлдор, ки тарафи созишнома ба ҳисоб намераванд, вобаста ба арзёбии мавзӯи таҳти омӯзиш қароргирифта хулоса таҳия намуда, чунин созишнома дар самти изҳори боварии оқилона ва маҳдуд ҷой дошта метавонад.

**Созишнома оиди мушоҳидакорӣ** – созишномае, ки тибқи он оид ба муайян намудани ҷанбаҳои дигари

диққатҷалбкунанда ба аудитор имконият фароҳам оварда шуда, дар рафти он вобаста ба бархилофи асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ омода ва пешниҳод шудани ҳисоботи молиявӣ фарзия пешниҳод карда мешавад.

**Созишнома оид ба тақсими маҳсулот** – шартномае, ки тибқи он ба субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ба музд ва ба муҳлати муайян барои ҷустуҷӯ, иктишоф, тадқиқ, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданоки кони маъдани дар созишнома нишон додашударо ва барои иҷрои корҳои вобаста ба ин намудҳои фаъолият ҳуқуқҳои истисноӣ медиҳад ва сармоягузор ухдадор мешавад, ки фаъолияти дар созишнома нишон додашударо аз ҳисоби худ ва бо ҷуброни зиёни таваккали эҳтимолӣ аз ҳисоби худ амалӣ мегардонад.

**Санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ** – санаи омодашавии тамоми ҳисоботҳо, аз ҷумла замимаҳои он, ки ҳисоботи молиявиро ташкил дода, аз ҷониби шахсони дорои ваколати роҳбарии субъект эълон доштани масъулият вобаста ба ин ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

**Санҷиши аудиторӣ** – амалӣ намудани чорабиниҳо ҷиҳати ҷамоварӣ, арзёбӣ ва таҳлили далелҳои аудитории ба ҳолати молиявии субъект дахлдошта, ки мавриди аудит қарор гирифта, аз натиҷаи он ақидаи аудиторӣ вобаста ба дурустии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва саҳеҳии ҳисоботи муҳосибӣ изҳор карда мешавад.

**Санади чорабинии назоратӣ** – ҳуҷҷатҳое, ки баъд аз анҷоми амалиётҳои назоратӣ дар объекти санҷишӣ ба расмият дароварда шуда (маълумотнома, протокл ва ғ.), дар он натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии ба иҷро расонида шуда инъикос карда мешаванд.

**Санҷиши воситаи назорат** – чорабинии аудиторӣ, ки бо мақсади арзёбии самаранокии фаъолияти воситаҳои назорат зимни ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани таҳрифгариҳо дар зинаи тасдиқи онҳо таҳия карда мешавад.

**Стратификатсия** – ҷараёни тақсим намудани маҷмӯъҳо ба зергурӯҳҳо, ки ҳар кадоме аз он гурӯҳи қисмҳои ҷудо ва интихоб кардашудаи дорои хусусиятҳои ба ҳам монандро дар бар гирифтааст.

**Стратегияи умумии аудит** – миқёс, муҳит ва раванди аудитро муқаррар намуда, ҷиҳати таҳияи нақшаи муфассали аудит роҳнамоӣ менамояд.

**Ташкилоти байналмилалии мақомотҳои олии назорати молиявӣ** – ташкилоти мустақили ғайридавлатии байналмилалӣ, ки мақсади фаъолияти он ба рушди мубодилаи ғоя ва таҷрибаи аудити ташкилотҳои давлатӣ дар байни мақомотҳои олии назорати молиявӣ равона карда шудааст.

**Ташкилоти аудиторӣ** – шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи талаботи қонунгузорӣ барои амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ таъсис дода шуда, дорои иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ мебошад.

**Ташкилоти касбии аудиторон** – ташкилоти ғайритиҷоратии аз аккредитатсия гузаштае, ки аудиторон ва ё муҳосибони касбиро муттаҳид менамояд.

**Ташкилоти касбии муҳосибон** – ташкилоте, ки тибқи оиннома, шарт ва қоидаҳои сертификатсия ва аккредитатсия амал намуда, пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро таъмин месозад.

**Таъсирбахшӣ** – муносибат байни натиҷаи фаъолият (истеҳсоли мол, ҳаҷми хизматрасониҳо ва ғ.) ва ҳаҷми захираҳо, ки барои ба мақсад расидан истифода карда шудаанд.

**Тарафҳои манфиатдор** – тарафҳое, ки ба фаъолияти ташкилоти санҷидашаванда алоқамандӣ доранд (саҳмдорон, иттиҳодияҳо, кормандони ин ташкилот, мизоҷон ва молтаъминкунандагон).

**Ташкили чорабиниҳои назоратӣ** – марҳилаҳои алоҳидаи ташкили чорабиниҳоро ифода намуда, он марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

– марҳилаи омодашавӣ ба чорабинии назоратӣ, ки дар рафти он мавзӯъ ва муҳити объекти санҷишӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз натиҷаи он мақсад ва мавзӯи чорабиниҳои назоратӣ, усулҳои татбиқ ва меъёрҳои арзёбии он муқаррар карда мешавад;

– марҳилаи гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ, ки дар рафти он таҳлил ва санҷиши нишондиҳанда ва маълумотҳои воқеӣ бевосита дар объекти санҷишӣ бо

мақсади ташаккул ёфтани далелҳои аудиторӣ амалӣ карда мешавад;

– марҳилаи ба расмият даровардани натиҷаҳои чорабинии назоратӣ, ки дар рафти он ҳисобот омода гардида, хулоса ва тавсияҳоро дар худ ифода менамояд.

**Таъмини сифати аудит –** принсип, сохтор ва чорабиниҳои муқаррар намудаи мақоми олии назорати молиявӣ, ки риояи стандартҳои фаъолияти аудиториро таъмин месозанд.

**Таҳрифгарӣ –** ихтилофҳои ҷойдошта байни ҳаҷм, гурӯҳҳои таснифотӣ, моддаҳои хароҷотӣ ва дигар маълумотҳои молиявӣ, ки ба талаботҳои асосҳои татбиқшавандаи пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ муайян карда шуда, чунин таҳрифгариҳо дар натиҷаи кирдорҳои сохтакорӣ ва ё роҳ додан ба дигар хатогиҳо зимни пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ низ метавонад ҷой дошта бошад. Таҳрифгариҳо вобаста аз хусусияти худ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

– таҳрифгариҳои воқеӣ, ки ба ҷой доштани он шубҳа нест;

– таҳрифгариҳои арзёбишаванда, ки ба ақидаронии роҳбарияти субъект нисбати арзёбии ҳисоббаробаркуниҳо, интихоб ва татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ вобаста буда, тибқи ақидаи аудитор беасос ва номутобиқ мебошад;

– таҳрифгариҳои пешгӯишаванда, ки арзёбии нисбатан беҳтари таҳрифгариҳоро дар маҷмӯъ, аз ҷумла ҳаҷми дар интихоби қисматҳои аудиторӣ ошкор карда шударо ифода менамояд.

**Таҳрифгариҳои ислоҳнашуда** – таҳрифгариҳои дар раванди аудит ҷамъовардаи аудитор, ки ислоҳ карда нашудаанд.

**Таҳрифгариҳои ҷоиз (имконпазир)** – ҳаҷми маблағи аз ҷониби аудитор муқарраргардида, ки тибқи он вобаста аз андозаи муқарраршуда баланд набудани ҳаҷми таҳрифгариҳои воқеӣ дар маҷмӯъ боварии дахлдор ба даст оварда мешавад.

**Таҳрифгариҳои сартосарӣ** – таҳрифгариҳое, ки ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла ба қисматҳои мушаххас, ҳисобҳо, моддаҳо ва ё қисматҳои зиёди ҳисоботи молиявӣ ва дигар маълумотҳои молиявӣ таъсири бемаҳдуд доранд.

**Хароҷот** – камшавии манфиати иқтисодӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шакли хориҷшавӣ ё камшавии дороиҳо ё худ зиёдшавии уҳдадориҳо, ки ба камшавии сармояи саҳҳомии бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон новобаста оварда мерасонад.

**Хавфи фаъолияти молиявӣ** – вазъе, ки дар натиҷаи нодуруст ифода гардидани мақсад ва ба роҳ мондани ташкили фаъолият, шароит, рӯйдод, ҳолат, ҳаракат ва беҳаракатии воқеӣ ба миён омада, метавонад боиси расонидани таъсири манфӣ ва ноил нагардидан ба мақсадҳои асосӣ гардад.

**Хавфи аудиторӣ** – ҳолатҳои бо таҳрифгариҳои ҷиддӣ омода гардидани ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷа аз ҷониби аудитор ақидаи аудитории номуно-

сиб изҳор гардида, ин ҳолат бевосита аз хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ ва хавфи ошкор накардани онҳо вобастагӣ дорад.

**Хавфи ҷудоинопазир** – ҳолатҳои ба таҳрифгариҳои ҷиддӣ дучор гардидани қарорҳои қабулгардида вобаста ба дараҷаи амалиётҳо, бақияи ҳисобҳо, ки дар алоҳидагӣ ва ё дар маҷмӯъ бо дигар таҳрифгариҳо то баррасии он аз ҷониби воситаҳои назорат ҷиддӣ ба ҳисоб меравbooking.

**Хавфи ошкор накардан** – хавфе, ки чорабиниҳои аз ҷониби аудитор амалӣ намуда ҷиҳати то зинаи поёнӣ кам намудани хавф барои ошкор намудани таҳрифгариҳои ҷойдошта мусоидат карда наметавонад.

**Хавфи ҷиддӣ** – хавфи ошкор ва арзёбӣ гардидаи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки бо ақидаи аудитор зимни гузаронидани аудит диққати махсусро талаб менамояд.

**Хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ** – хавфи ҳолате, ки ҳисоботи молиявӣ то оғози аудит ба таври назаррас таҳрифгарӣ шуда, он аз хавфи ҷудоинопазир ва хавфи системаи назорат таркиб ёфтааст.

**Хавфи воситаи назорат** – эҳтимолияти сари вақт ошкор ва бартараф нагардидани камбудиҳо дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва системаи назорати дохилӣ, ки дар алоҳидагӣ ва ё дар маҷмӯъ муҳим ба шумор меравand. Хавфи воситаи назорат дараҷаи

боварибахшии системаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии субъектро ифода менамояд.

**Хавфи экологӣ –** хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботи молиявӣ, ки ба масъалаҳои экологӣ алоқаманд буда, ба омилҳои арзёбии хавфҳо дар раванди таҳияи нақшаи умумии аудит вобастагӣ дорад.

**Хавфи созишнома оид ба изҳори боварӣ –** ҳолате, ки бинобар дорои таҳрифгариҳои ҷиддӣ будани маълумотҳои пешниҳодгардидаи омӯзишӣ, муҳосиби касбӣ имконияти пешниҳоди хулосаи дахлдорро надорад.

**Хулосаи носаҳеҳи аудиторӣ –** хулосаи аудиторие, ки дорои маълумоти носаҳеҳ ва ё нопурра оид ба ҳисоботи молиявӣ ва маълумоти пешбининамудаи стандартҳои аудит буда, истифодабарандагони онро ба иштибоҳ мебарад.

**Хатогӣ –** роҳ додан ба таҳрифгариҳо дар ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла инъикос накардани ин ё он нишондиҳандаҳои рақамӣ ва дигар маълумотҳои молиявӣ, ки барқасдона амалӣ карда нашудааст.

**Хариди давлатӣ –** аз ҷониби ташкилоти харидор бо усулҳои муайяннамудаи қонунгузорӣ ба даст овардани мол, кор ва хизматрасонӣ, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

**Хироҷ –** пардохти ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, ки барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ситонида мешавад.

**Хазинадорӣ** – фаъолити молиявии давлатӣ, ки ҳамоҳангсозии идоракунии захираҳои иқтисодии умумидавлатӣ, ташкили назорати даромаду хароҷот, ҷамъоварӣ ва истифодабарии маблағҳо, идоракунии иҷрои буҷети давлатӣ ва қарзҳои давлатӣ, бароришӣ қоғазҳои қиматноки давлатиро амалӣ менамояд.

**Ҳисоботи (хулоса) аудиторӣ** – ҳуҷҷати хаттии расмие, ки мутобиқи стандартҳои аудит тартиб дода ва пешниҳод шуда, ақидаи мустақили аудиторро вобаста ба натиҷаҳои аудити гузаронидашуда дар бар гирифта, ба ҳисоботи молиявӣ замима карда мешавад.

**Ҳаҷми аудит** – ҳаҷми корҳои дар рафти чорабиниҳои назоратӣ ба иҷро расонда, ки вобаста аз мақсадҳо ва мавзӯи чорабиниҳо, шумораи объектҳои санҷишӣ ва давраи фаъолияти санҷидашаванда муайян карда мешавад.

**Ҳуҷҷатҳо барои муҳокима –** ҳуҷҷатҳое, ки дар он натиҷаи аудит ва ё хулоса вобаста ба соҳаи мушаххас ҷамбаст карда шуда, ҷиҳати маънидодкунии ҳолатҳои ҷойдошта ба роҳбарияти субъект пешниҳод карда мешавад.

**Ҳисоботдиҳанда будан дар бахши давлатӣ** – уҳдадориҳои шахс ё ташкилотҳои давлатӣ аз рӯи

фаъолияти идоракунӣ ва молиявӣ, татбиқи нақша ва ғ., ки ба зиммаи онҳо гузошта шудааст.

**Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ** – ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, сиёсати баҳисобгирӣ, нақшаи ҳисобҳо, ҳисоботи молиявӣ, шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари марбути баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии ташкилотҳоро дар бар мегирад.

**Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ** – ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо баҳисобгирии муҳосибӣ сурат гирифта, тамоми амалиётҳои хоҷагидорӣ бо ин ҳуҷҷатҳо ба таври дахлдор ба расмият дароварда мешавад.

**Ҳисоботи молиявӣ** – маҷмӯи маълумоте, ки ҳолат ва натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳоро дар асоси нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ дар бар мегирад.

**Ҳисоботи молиявии ҷамъбастшуда** – маълумоти таърихии молиявии аз ҳисоботи молиявӣ ҷудо карда баровардашуда, ки ба таври пурра тафсилот дода нашуда, таасуроти сохтори бо захираҳои иқтисодӣ ва уҳдадориҳо ва тағйиротҳои ҷойдоштаи субъекти санҷишӣ дар марҳилаҳои муайян мутобиқ бударо таъмин менамояд.

**Ҳисоботи молиявии мавриди аудит қарор гирифта** – ҳисоботи молиявӣ, ки тибқи меъёрҳои стан-

дартҳои байналмилалии аудит мавриди санҷиш қарор гирифта, аз натиҷаи он ҳисоботи молиявии ҷамбастӣ таҳия карда шудааст.

**Ҳисоботи молиявии муқоисавӣ** – ифода намудани ҳаҷм ва дигар маълумотҳои молиявии давраи молиявии ҷорӣ ҷиҳати муқоисаи он ба ҳаҷм ва маълумотҳои молиявии давраи молиявии қаблӣ, ки мавриди аудит қарор гирифтааст.

**Ҳисоботи молиявии фосилавӣ** – маълумоти молиявие, ки дар ҳаҷми кам ва барои як давраи муайяни фосилавӣ (нимсола, семоҳа) омода карда шудааст.

**Ҳисоботи молиявии таъиноти махсус** – ҳисоботи молиявие, ки тибқи асосҳои таъиноти махсус ҷиҳати истифодаи он аз ҷониби истифодабарандагони мушаххас омода карда шудааast.

**Ҳисоботи молиявии сохтакоришуда** – ҳисоботи молиявии барқасдона таҳрифгаришуда, ба монанди аз мадди назар дур кардани нишондиҳандаҳои муайяни рақамӣ ва дигар маълумотҳои молиявӣ, ки бо мақсади ба иштибоҳ бурдани истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ омода карда шудааст.

**Ҳисоботи гурӯҳи молиявӣ** – ҳисоботи молиявие, ки маълумотҳои молиявии мураккаб ва якҷоя кардашударо дар бар гирифтааст.

**Ҳисоботи солона** – ҳуҷҷате, ки аз тарафи субъект ҳамасола нашр гардида, он ҳисоботи молиявӣ ва

ҳисоботи аудиториро нисбат ба ин ҳисобот дар бар мегирад.

**Ҳисоботи фаъолияти ҳифзи муҳити атроф** – ҳисоботе, ки алоҳида аз ҳисоботи молиявӣ пешниҳод гардида, он маълумоти дахлдор вобаста ба ӯҳдадориҳои субъект нисбати ҳифзи муҳити табиат, сиёсат ва мақсади корҳо дар ин самт, муваффақиятҳои ба даст омада ва дигар маълумотҳои дахлдорро дар бар мегирад.

**Ҳуҷҷатҳои аудиторӣ** – инъикоси хаттии чорабиниҳои иҷрогардидаи аудиторӣ, далелҳои ҷамъ оварда шудаи аудиторӣ ва хулосаҳои аудитории изҳор карда шуда, ки дар баъзе ҳолатҳо ҳуҷҷатҳои корӣ низ ном бурда шуда, он дар шакли хаттӣ, сурат, ҳомили электронӣ ва дигар шакл ташаккул ёфта метавонад.

**Ҳадди ҷиддӣ будан** – андозае, ки аз ҷониби аудитор нисбат ба андозаи барои ҳисоботи молиявии муқарраргардида дар маҷмӯъ дар андозаи нисбатан паст муқаррар карда шуда, мақсад аз он то дараҷаи қобили қабул паст намудани эҳтимолияти баланд нагардидани дараҷаи ҷиддӣ будани андозаи таҳрифгариҳои ислоҳшуда ва ошкорнашуда ба ҳисоб меравад.

**Чорабиниҳои якҷояи назоратӣ** – чорабиниҳои назоратӣ, ки дар асоси созишномаи ду ва ё бисёрҷонибаи мақомотҳои олии назорати молиявӣ вобаста ба мавзӯъ ва муҳлати ба мувофиқа расида, аз рӯи барномаи умумии аудит, бо ташкил намудани гурӯҳи

якҷояи назоратӣ амалӣ карда шуда, аз натиҷаи он ҳуҷҷати якҷояи ҷамбастӣ ба тасвиб расонида мешавад.

**Чорабиниҳои назоратии дар як вақт татбиқшаванда (параллелӣ)** – чорабиниҳои назоратӣ, ки дар асоси созишномаи ду ва ё бисёрҷонибаи мақомотҳои олии назорати молиявӣ вобаста ба мавзӯъҳои алоҳида ва дар муҳлатҳои барои тарафҳо алоҳида, бо дарназардошти манфиатҳои тарафайн ба мувофиқа расонида шуда амалӣ гардида, аз натиҷаи он тарафҳо мубодилаи иттилоот менамоянд.

**Чорабиниҳои аудиторӣ** – чорабиниҳои асоснок карда шудаи санҷишӣ, ки ба нақшаи аудиторӣ дохил карда шуда, мақсад аз он ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ буда, бояд ба таври пайваста ба иҷро расонида шавад.

**Чорабиниҳои таҳлилию ташхисӣ** – шакли ташкили баамалбарории фаъолияти таҳлилию ташхисиро ифода намуда, дар раванди он ба иҷро расонидани вазифа, функсия ва ваколатҳо дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ таъмин гардида, он бояд дорои хусусияти беғаразӣ, маҷмӯӣ ва натиҷабахшӣ бошад.

**Чорабиниҳои назоратӣ** – шакли ташкили баамалбарории фаъолияти санҷиширо ифода намуда, дар рафти он ба иҷро расонидани вазифа, функсия ва ваколатҳо дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ таъмин гардида, он бояд дар асоси нақшаи кори солона, фармоиши дахлдор, барномаи тибқи тартиби муқаррар-

гардида ба тасвиб расида гузаронида шуда, аз натиҷаи он ҳисобот таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

**Чорабиниҳои мушоҳидавӣ** – чорабиниҳое, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо зарур буда, он пешниҳоди дархост ва дигар чорабиниҳои таҳлилии нисбати маълумоти молиявӣ татбиқшавандаро дар бар мегирад.

**Ҷараёни арзёбии хавфҳо аз ҷониби субъект** – яке аз қисматҳои фаъолияти системаи назорати дохилӣ буда, ҷиҳати ошкор кардани хавфҳои ба мақсадҳои ҳисоботи молиявӣ алоқаманд, қабули қарорҳои дахлдор оиди хавфҳо ва оқибатҳои он равона карда шудааст.

**Ҷавобгарии пурраи моддӣ** – созишномаи ба таври хаттӣ басташудаи байни роҳбари ташкилот ва корманди ба воситаҳои пулию молӣ дастрасӣ дошта, ки тибқи он корманд барои расонидани зарари моддию молиявӣ ҷавобгарии пурраи моддӣ дорад. Ҷавобгарии пурраи модии корманд метавонад бо шартномаи (қарордод) меҳнатӣ низ ба расмият дароварда шуда бошад.

**Ширкати аудиторӣ** – ширкате, ки вобаста ба мавзӯи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти молиявӣ зимни татбиқи санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагидории субъект маслиҳатҳои дахлдор дода, оид ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ ва ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ хулоса пешниҳод менамояд.

**Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм)** – талаботе, ки тибқи он аудитор вобаста ба ҷой доштани ҳолатҳои таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботҳои молиявӣ бояд дорои дарки касбӣ буда, далелҳои аудитории ба даст омадаро аз нуқтаи назари шубҳа ва танқидӣ арзёбӣ менамояд.

Шубҳаоварии касбӣ дар тамоми рафти аудит бо мақсади дур намондани ҳолатҳои шубҳаовар аз доираи назари аудитор амалӣ гардида, риояи он ба ташаккули хулосаи асоснок мусоидат менамояд.

**Шахси мансабдор** – шахсе, ки бо таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколатҳои махсус вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, инчунин дар Қувваҳои мусаллаҳ, ҷузъу томҳои ҳарбӣ ишғол намудаанд.

**Шахси дорои ваколатҳои роҳбарӣ** – шахсе, ки барои иҷрои вазифаҳои мушаххаси роҳбарӣ ваколатдор гардида, ҷиҳати назорати самтҳои стратегӣ ва уҳдадориҳои объекти санҷишӣ вобаста ба пешниҳоди ҳисобот, инчунин рафти омодасозии ҳисоботи молиявӣ масъул мебошад.

**Шаҳодатномаи тахассусии аудиторӣ** – ҳуҷҷате, ки аз тарафи Комиссияи тахассусии аттестатсиякунонӣ ва иҷозатномадиҳӣ дода шуда, тахассуси касбии аудиторро тасдиқ менамояд.

**Шарик** – шахсе, ки вобаста ба иҷрои созишнома оид ба пешниҳоди хизматрасонии касбӣ дорои ваколат ва уҳдадориҳои мушаххас гардидааст.

**Эъломияи Лима –** соли 1977 дар Анҷумани 9-уми Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ дар шаҳри Лимаи Ҷумҳурии Перу қабул гардида, принсипҳои роҳбарикунандаи назоратро муқаррар намуда, хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳамчун заминаи асосӣ барои мустақилияти ҳуқуқӣ ва касбии фаъолияти мақомотҳои олии назорати молиявӣ ба ҳисоб меравад.

**Эъломияи Мексика –** соли 2007 дар Анҷумани 19-уми Ташкилоти байнамалии мақомоти олии назорати молиявӣ дар шаҳри Мехико қабул гардида ҳамчун сарчашмаи иттилоот оид ба усулҳои фаъолият ва принсипҳои роҳбарикунандаи мақомотҳои олии назорати молиявӣ ба шумор рафта, мустақилияти онро дар самтҳои зерин таъмин менамояд:

– амали меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба танзим даровардани фаъолияти самарбахш ва дахлдори мақомоти олии назорати молиявӣ;

– мустақил ва дахлнопазир будани роҳбарият ва аъзоёни мақоми олии назорати молиявӣ;

– ваколати васеъ ва мустақилияти пурра вобаста ба қабули қарор зимни иҷрои вазифаҳо;

– дастрасии беҳмадуд ба иттилоот;

– ҳуқуқ ва ухдадориҳо оид ба пешниҳоди ҳисобот аз натиҷаи фаъолият;

– озод будан зимни қабули қарор дар бораи мазмун ва муҳлати ҳисоботҳо аз натиҷаи санҷишҳо, инчунин нашр ва паҳн намудани он;

– амал намудани тартиби самараноки чорабиниҳои минбаъда вобаста ба иҷрои тавсияҳо;

– соҳибихтиёрии молиявӣ, идоракунӣ ва дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, моддӣ ва инсонӣ (кадрӣ).

**Эҳтиёҷоти давлатӣ –** пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ қонеъ гардонидани талаботи давлатӣ ба мол, кор ва хизматрасонӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, маъмурӣ ва сиёсиро дар назар дорад.

# ДАСТУРИ АМАЛӢ
# ба СБА 200

Мухаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*

Ба матбаа 14.07.2016 супурда шуд.
Чопаш 18.07.2016 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 12,0.
Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 100 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17-а

Дар ҶДММ "Илм" чоп шудааст